**СММ ПЕШНИҲОДИ РУСТАМИ ЭМОМАЛИРО ПАЗИРУФТ** с.3

**БОЗ ТИРПАРРОНӢ ДАР МАРЗ** с. 3

**ШАРТИ ИСРОИЛ БАРОИ ОТАШБАС ДАР ҒАЗЗА** с. 4



# ТОҶИКИСТОН

№19 (1582), 08.05.24 Рӯзнома зиёд, «Тоҷикистон» яктост! Оғози нашр соли 1992




# БА ҚАДРИ СУЛҲ БИРАСЕД!





**МАҶМААИ ИСТИҚОМАТИИ «ҲИСОР МОЛЛ»**

*Маҷмааи бисёрфунксионалии "Ҳисор мол" бо ҷойгиронии 3-блоки биноҳои истиқоматии бисёрбаландошёнаи истикоматӣ, воқеъ дар Ҷамоати шаҳраки Ҳисор ҷойгир аст.*

M.O.O. Group

СЕБИСТОН-2018 — ширкати сохтмонӣ —

*Бартарии «ҲИСОР МОЛЛ»*

*ХАРИДИ ХОНА ДАР МАҶМААИ БИСЁРФУНКСИОНАЛИИ "ҲИСОР МОЛ" ОСОН ШУД. ҲАМАГӢ 30 ФОИЗИ МАБЛАҒРО ПЕШПАРДОХТ НАМОЕД ВА 70 ФОИЗИ БОҚИМОНДАРО ДАР ДАВОМИ 3 СОЛ СУПОРЕД.*

- Хонаҳои бароҳат аз 47,7 м2 то 134,2 м2
- Фасади зебо бо тирезаҳои панорамӣ
- Лифтҳои баландсуръати пассажир ва боркашонӣ
- Системаи гармидиҳӣ ва хунуккунии инфиродӣ
- Системаи инфиродии обтаъминкунӣ
- Хидмати консерж 24/7
- 108 ҷой барои таваққуфгоҳ Гипермаркет
- Ду кинотеатр
- Маркази фароғатии кӯдакон
- Кортҳои хӯрокворӣ
- SPA
- Ҳавзи шиноварии дарунӣ
- Маркази фитнес



*Телефони шуъбаи фурӯш:* +992 301-99-99-99 | 887-00-31-33


## ДАР ИН ШУМОРА:


**170 МИЛЛИОН ДОЛЛАР БА ХОРИҶА**
Тоҷикистон то кай равғанро аз берун ворид мекунад? с.5

**АМНИЯТИ РУСИЯ**
Ташкилкунандаи асосии терроро медонем с.4

**КЭТРИН СМИТТОН**
Сафири нави Британияи Кабир дар Тоҷикистон кист? с.2

**1 СОАТ КОР**
Сокинони Тоҷикистон вақтро чӣ гуна сипарӣ мекунанд? с.3

**ТЕШАБОЙ ОДИЛОВ**
Пайдо шудани ҳуҷҷати Қаҳрамон баъди 79 сол с.7

**"ОВОЗИ ТОҶИК"**
Ва рисолати таърихии тоҷикон с.9

**ШОМИЛ ИЗЗАТЗОДА:**
Пардохти ғайринақдӣ ба манфиати мардум аст с.6

**КАНЗИ ШИФО**
Табобати камхунӣ бо себу хуч с.12

**ҲАЙАТИ МУШОВАРА**

**Шариф ҲАМДАМПУР,** Сармуҳаррир, раиси ҳайати мушовара

**Усмон РАҲИМЗОДА,** муовини сармуҳаррир

**Одил НОЗИР,** муҳаррир

**Талбак НАЗАРОВ,** раиси "Сандуқи хайрияи Тоҷикистон", академик

**Фарҳод РАҲИМӢ,** академик

**Шералӣ КАБИР,** вазири саноат ва технологияҳои нави Тоҷикистон

**Саидмукаррам АБДУЛҚОДИРЗОДА,** раиси Шӯрои уламои Тоҷикистон

**Масъуди МИРШОҲӢ,** раиси Бунёди Рӯдакӣ (Фаронса)

**Қозидавлат ҚОИМДОДОВ,** сиёсатмадор

**Адаш ИСТАД,** нависанда (Ӯзбекистон)

**Ҳафиз РАҲМОН,** адабиётшинос

**Иноят ИНОЯТОВ,** ҳуқуқшинос

**Умед СУЛТОНОВ,** саҳифабанд

**МУАССИС:** **Ҳайати кормандони ҳафтанома**

*Ҳафтанома дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №0054/РЗ сабти ном шудааст.*
*Дар ҳафтанома маводе низ ба нашр мерасанд, ки ба мавқеи идора мувофиқ нестанд. Барои дар дигар нашрияҳо чоп намудани матолиб ва иқтибосҳо аз «Тоҷикистон» зикри манбаъ ҳатмист. Ҳуқуқи муаллифии ҳамаи матолиби шумора ба идораи ҳафтаномаи «Тоҷикистон» тааллуқ доранд ва тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва байналмилалӣ ҳифз карда мешаванд. Ҳафтанома аксҳо ва маводҳои ҷолибро аз шабакаи Интернет мавриди истифода қарор медиҳад. Ҳафтанома масъулияти маводҳои интиқодӣ ва хусусияти таблиғотиро ба дӯш надорад. Инчунин, ба мазмун ва санаду рақамҳои маводи чопшуда муаллифон ҷавобгаранд.*

**ТЕЛЕФОНИ ИДОРА:**
**221-00-84,**
**227-19-95**
**tojikiston@pressa.tj**

**ШУЪБАИ ЭЛОН ВА РЕКЛАМА**
**ш. Душанбе, хиёбони С. Шерозӣ 16**
**238-78-78, 44 640-99-88,**
**238-61-61**
**ads@rg.tj**

**ОБУНА ВА ФУРӮШИ РӮЗНОМАҲО**
**918-66-82-64,**
**221-41-11**

**ТЕЪДОДИ НАШР:** 33 000 нусха.

# САФАРИ ПРЕЗИДЕНТ БА РУСИЯ

**Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон бо сафари корӣ вориди шаҳри Москва шуд.**

Ҳадаф аз ин сафари Сарвари давлат иштирок дар чорабиниҳои тантанавӣ бахшида ба 79-умин солгарди Рӯзи Ғалаба ва мулоқоти ғайрирасмии сарони давлатҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил мебошад.

Дар ин сафар Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмонро вазири корҳои хориҷӣ, Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои робитаҳои хориҷӣ ва дигар шахсони расмӣ ҳамроҳӣ доранд.

# МУЛОҚОТИ РОҲБАРОНИ АМНИЯТИ СЕ КИШВАРИ ОМ

**Дар шаҳри Фарғона ҷаласаи раҳбарони ниҳодҳои амниятии Тоҷикистон, Қирғизистон ва Ӯзбекистон баргузор шуд.**

Зимни гуфтушунидҳо Камчибек Ташиев, Саймумин Ятимов ва Абдусалом Азизов тамоми маҷмӯи мушкилоти таъмини амнияти минтақаро муфассал баррасӣ кардаанд.

Оид ба ҳолат ва дурнамои ҳамкорӣ дар самтҳои муҳим, аз ҷумла мубориза бо терроризм, экстремизм, қочоқи маводи мухаддир, муҳоҷирати ғайриқонунӣ, қочоқ, дигар таҳдидҳо ва чолишҳои дорои хусусияти фаромарзӣ табодули афкор анҷом дода шудааст.

Масъалаҳои ҳамкории наздисарҳадӣ ва дар маҷмуъ фароҳам овардани шароити мусоид барои рушди муносибатҳои неки ҳамҷаворӣ байни давлатҳо баррасӣ гардидаанд.

Зимни мулоқот бандҳои рӯзномаи муайян кардани хати сарҳади давлатӣ (делимитатсия) байни Қирғизистон ва Тоҷикистон, инчунин масъалаҳои аломатгузории сарҳад байни Ӯзбекистон ва Қирғизистон ба таври самарабахш баррасӣ шудаанд.

Ҳамчунин, иштирокчиёни воҳӯрӣ оид ба суръат бахшидан ба равандҳои делимитатсияи хати марзҳои давлатии Қирғизистон ва Тоҷикистон ва Ӯзбекистону Қирғизистон ба мувофиқа расидаанд ва барои ҳалли ин масъалаҳо дар асоси манфиатҳои тарафайн тадбирҳои амалиро муайян намудаанд.

Дар натиҷаи музокирот ба аъзои Комиссияи байниҳукуматии Қирғизистон ва Тоҷикистон барои ҳамоҳангсозии китъаҳои боқимондаи сарҳад ва ҳамчунин омода кардан ва ба имзо расонидани созишномаи дахлдори дуҷониба супоришҳои мушаххас дода шудааст.

# ИМЗОИ «ХАРИТАИ РОҲ» БАЙНИ СУҒДУ ТОШКАНД

**Дар ноҳияи Чирчиқ Форуми соҳибкорони вилоятҳои Суғду Тошканд доир гардид. Дар ҳошияи форум байни вилоятҳои Суғду Тошканд «Харитаи роҳ» имзо шуд.**

Гуфта мешавад, ки дар форум раиси вилояти Суғд Раҷаббой Аҳмадзода, ҳокими вилояти Тошканд Зоир Мирзоев, соҳибкорону сармоягузорони ду тараф иштирок намудаанд.

Дар ҳошияи форум ҳайати вилояти Суғд бо фаъолияти корхонаи «Азия Ташкентский текстиль» шинос шудаанд. Ҳамчунин, миёни соҳибкорони ду вилоят мулоқоту вохӯриҳо дар шакли B2B ва B2G ҷараён гирифтааст. Имкониятҳои сармоягузории ду минтақа низ муаррифӣ шуда, ҷонибҳо ҷиҳати тақвияти ҳамкориҳо мубодилаи афкор намуданд.



# САФИРИ НАВИ БРИТАНИЯИ КАБИР ДАР ТОҶИКИСТОН

**Кэтрин Эллен Смиттон сафири Британияи Кабир дар Тоҷикистон таъин гардид.**

Сомонаи Вазорати корҳои хориҷӣ, иттиҳод ва рушди Британияи Кабир 2-юми май дар хусуси ивази шудани сафир дар Тоҷикистон хабар нашр кард. Гуфта мешавад, ки хонум Кэтрин Смиттон ҷойгузини Тим Ҷонс хоҳад шуд. Мавсуф фаъолияти худро аз моҳи октябри соли равон шуруъ мекунад.

Кэтрин Эллен Смиттон қаблан дар намояндагиҳои дипломатии Британияи Кабир дар кишварҳои Покистон ва Алҷазоир фаъолият намудааст.

Бояд гуфт, ки ин тағйирот пас аз як ҳафтаи сафари Девид Кемерон, вазири корҳои хориҷии Британияи Кабир ба Тоҷикистон сурат гирифт.

Кемерон рӯзи 22-юми апрел ба Тоҷикистон омад. Ӯ дар давоми сафари худ бо Президенти кишвар ва ҳамтои тоҷикаш мулоқот карда, аз НБО-и "Норак" боздид ба амал овард.

# САРИ САБЗ



**Нурулло ҒАФУРИЁН,** кормандИ Ҳадамоти муҳоҷират

**- Эҳтимолияти зиёд шудани чораандешиҳо нисбати муҳоҷироне, ки фаъолияти ғайрирасмӣ доранд, вуҷуд дорад. Муҳоҷирони меҳнатии моро зарур аст, ки ҳамеша қонунгузории кишвари зисти муваққатиро эҳтиром ва риоя намоянд.**

*- Ин будагӣ гап. Барои фаъолияти ғайрирасмӣ ҳама ҷавоб медиҳанд. Аммо, боварӣ ҳаст, ки агар муҳоҷирон "бачаи хуб" шаванду қонунгузории соҳибхонаро эҳтиром кунанд, дигар азоб намекашанд?*



**Робияи ҲОЛМИРЗО,** адиб ва рӯзноманигори тоҷик

**- Вақте занҳо кулли мушкили худро ба дӯши мард мегузоранду аз ӯ танҳо толиби имдоданд, худро хеле нотавон меҳисобанд. Бигзор зан нозук бошаду меҳрубонӣ бинад, аммо набояд худро заиф хонад.**

*- Ҳаҳаҳаҳ, ба даҳони баъзе мардҳо калима андохтед, муаллима. Акнун бисёрашон тамоми корҳои вазнинро ба дӯши занҳояшон бор мекунанду мегӯянд, ки шумо роҳ нишон додед.*



**Ҳасани ЧИЛЛА,** ҳаҷвнигори маъруфи тоҷик

**- Лутфулло Давлатов замоне, ки раиси телевизиони "Сафина" буданд, барномаи "Ҳазлнюш"-ро бидуни суруди ҳаҷвӣ ба эфир иҷозат намедоданд. Меҳоҳам, ки телевизионҳои мо ба ҳаҷв рӯ биёранд ва мардумро шод созанд.**

*- Вақти ҳаҷву ҳазлбозӣ нест, ҷаноб. Беҳтараш барои рушд ягон идеяи иқтисодӣ пешниҳод кунед, ки телевизионҳо дар барномаҳояшон ҷой диҳанд.*

# БОЗ ТИРПАРРОНӢ ДАР МАРЗ

## Ин дафъа омӯзгор захмӣ шуд

**Дар сарҳади Тоҷикистону Қирғизистон пас аз 2 соли хомӯшӣ рӯзи 7-у май боз тирпарронӣ шуд, ки дар натиҷа Олимҷон Абдуллоев, омӯзгори 34-сола аз ноҳияи Ҷаббор Расулов захмӣ ва дар бемористон бистарист.**



Тирпарронӣ дар марзи ноҳияи Ҷаббор Расулови Тоҷикистон ва ноҳияи Лайлаки Қирғизистон рух додааст. Чун ҳамеша хадамоти марзбонии Қирғизистон омили қазияро ҷониби Тоҷикистон арзёбӣ карда, хабар додааст, ки "ҷӯпонҳои тоҷик" ҳудуди он кишварро гузашта, "ба амри сарҳадбонон гӯш надоданд" ва "ба тарафи онҳо санг партофтаву ду-се дафъа тир холӣ карданд".

Ҳол он ки, тибқи гуфтаи сокинони ноҳияи Ҷаббор Расулов, Олимҷон Абдуллоев бо шунидани боздошти писараш Рамзан Абдуллоев ба хати марз рафт, то қазияро дақиқ ва ба низомиёни қирғиз дар деҳаи Сулюкта муроҷиат кунад.

Ба нақли сокинон, писари Олимҷон Абдуллоев молҳояшонро бонӣ мекард, вале сарбозони Қирғизистон ба ӯ дарафтодаанд. Баъдан падараш бохабар шуда, ба ҷойи ҳодиса меравад. Сарбозони ҳамсоя ҷониби ӯ тир холӣ мекунанд ва дар натиҷа аз пояш тир мехӯрад.

КДАМ Тоҷикистон ҳам дар изҳороте, ки дар пайи ин қазия нашр кард, хабар медиҳад, ки сабаби боздошти шаҳрванди Тоҷикистон маълум нест.

"Ягон кирдоре, ки ба принсипҳои ҳамсоягии нек мухолиф аст, нишон надод, вале ба муқобили ӯ яроқи оташфишон истифода шудааст ва ҳоло ӯ маҷрӯҳ аст",- гуфта шудааст дар изҳороти ҷониби Тоҷикистон.

КДАМ хабар медиҳад, ки "мақомоти дахлдори ду давлат ҳодисаро таҳқиқ мекунанд. Вазъият дар марз тахти назорат қарор дорад".

Тоҷикистон ва Қирғизистон зиёда аз 980 километр сарҳад доранд, вале бахше аз он солҳо боз таъйину нишонагузорӣ нашудааст. Ин боиси низоъҳои хурду бузурги мусаллаҳона миёни ду кишвар шудааст. Ҳайатҳои Тоҷикистон ва Қирғизистон дар як соли охир ба таври мунтазам ва барои кашидани хати сарҳад мулоқот мекунанд. Саймумин Ятимов, раиси КДАМ-и Тоҷикистон ва ҳамзамон раиси ҳайатҳои ҳукуматӣ оид ба делимитатсия ва демаркатсияи марзи Тоҷикистону Қирғизистон, қаблан иттилоъ дода буд, ки 90 дарсади сарҳади давлатӣ байни ду кишвар муайян ва мувофиқа шудааст.

Рӯзи 10-уми январи соли 2024 Ҳакан Фидан, вазири корҳои хориҷии Туркия пас аз вохӯрӣ бо президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон изҳор намуд, ки имзои созишнома оид ба марз миёни Тоҷикистону Қирғизистон дар моҳи март таъйид шудааст.

Аз ин пештар, Садир Жапаров, президенти Қирғизистон низ дар ин робита зикр карда буд, ки анҷоми ҳамаи корҳо оид ба таъйин ва аломатгузории марзи давлатии кишварҳо баҳори соли 2024 дар назар аст. Вале моҳи март ҳам гузашту ҳанӯз шартнома имзо нашуд.

# 8 СОАТ ХОБ 7 ДАҚИҚА МУТОЛИА 1 СОАТ КОР

## Сокинони Тоҷикистон чӣ гуна вақтро сипарӣ мекунанд?

**Агентии омори назди президенти Тоҷикистон натиҷаҳои пурсиши истифодаи буҷети вақт аз ҷониби аҳолиро нашр кард. Чунин пурсиш дар Тоҷикистон бори аввал гузаронида мешавад.**

Аз натиҷаи он маълум шудааст, ки аҳолии синни 10-сола ва болотар аз они ҷумҳурӣ дар давоми як рӯз вақти бештари худро ба корҳои шахсӣ - хобу хӯрок ва гигиенаи шахсӣ сарф мекардаанд.

Ҳар як сокини Тоҷикистон барои корҳои шахсиаш ба ҳисоби миёна 12 соату 53 дақиқа ё худ 53,7%-и тамоми вақти шабонарӯзро истифода мебурдааст. Аз ин миқдор барои хоб 8 соату 26 дақиқа, тановули ғизо 2 соату 43 дақиқа ва гигиенаи шахсӣ 1 соату 43 дақиқа сарф мешудааст.

Дар ҷойи дуюм пешбурди корҳои рӯзгор қарор дорад. Барои он сокинони Тоҷикистон ба ҳисоби миёна 4 соату 4 дақиқа ё худ 17%-и вақти шабонарӯзро истифода мебурдаанд. Дар ҳамин ҳол, занон 5 соату 16 дақиқа ва мардон ҳамагӣ 2 соату 35 дақиқа ба корҳои рӯзгору оила машғул будаанд.

Ба васоити ахбори умум 1 соату 37 дақиқа (6,8%) чудо гардида, бештари вақт - 1 соату 22 дақиқа ба тамошои телевизор ва барои мутолиаи китоб ҳамагӣ 8 дақиқаи вақти шабонарӯз истифода мешудааст.

Дар идома муошират ва фароғату истироҳат - 1 соату 20 дақиқа (5,6%) қарор доранд.

Кор дар ҷойи панҷум қарор дорад: дар давоми шабонарӯз ба ҳисоби миёна 1 соату 17 дақиқа (5,34%) ба кор машғул мешудаанд.

Ба корҳои ҷамъиятӣ тоҷикистониён 1 соату 1 дақиқа (4,3%) ва барои таҳсилу омӯзиш 48 дақиқа (3,4%) вақт ҷудо мекардаанд.

Аз ҳама камтар - ҳамагӣ 12 дақиқа дар як шабонарӯз одамон ба варзиш ва навъҳои фаъоли кор машғул мешудаанд.

Таҳқиқот бо дастгирии Бонки Ҷаҳонӣ гузаронида шудааст.

Қобили зикр аст, ки пеш аз ин чунин таҳқиқот дар Тоҷикистон сурат нагирифтааст.

Дар ҷараёни таҳқиқот, ки аз 15-уми сентябр то 15-уми декабри соли 2023 гузаронида шудаст, 13 ҳазору 150 нафари синни аз 10-сола боло пурсида шудаанд. Аз онҳо 60%-ашро занон ва 40%-ашро мардон ташкил додаанд.

# СММ ПЕШНИҲОДИ РУСТАМИ ЭМОМАЛИРО ПАЗИРУФТ

**Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид қатъномаро дар бораи эълон намудани Рӯзи ҷаҳонии футбол, ки аз ҷониби Президенти Ассотсиатсияи футболи Осиёи Марказӣ (CAFA), Президенти Федератсияи футболи Тоҷикистон Рустами Эмомалӣ пешниҳод гардида буд, қабул намуд.**



Президенти Федератсияи футболи Тоҷикистон Рустами Эмомалӣ ҳанӯз 9-уми феврали соли 2024 бори нахуст ба Созмони Милали Муттаҳид пешниҳод намуд, ки нақши футбол дар сатҳи ҷаҳонӣ пазируфта шавад ва бо қабули қатъномаи махсуси Маҷмаи Умумии СММ расман Рӯзи ҷаҳонии футбол эълон гардад.

Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид қатъномаро оид ба эълон намудани Рӯзи ҷаҳонии футбол қабул намуд, ки ба ҷуз аз Тоҷикистон ду давлати дигар - Баҳрайн ва Либия низ онро дастгирӣ карданд.

Дар қатъномаи мазкур аҳамияти дар рӯҳияи сулх, ҳамфикрӣ, ҳамкории байналхалқӣ, дӯстӣ, таҳаммулпазирӣ ва бе ҳеҷ гуна табъиз гузаронидани чорабиниҳои бузурги варзишӣ таъкид шудааст.

Ҳамин тариқ, ҷомеаи ҷаҳонӣ ташаббуси Президенти Ассотсиатсияи футболи Осиёи Марказӣ, Президенти Федератсияи футболи Тоҷикистон Рустами Эмомалиро дар бораи рӯзи 25-уми майро эълон намудани Рӯзи ҷаҳонии футбол якдилона пазируфт.

PRESSA.TJ
СОМОНАИ НАШРИЯИ ТОҶИКИСТОН
ХАБАРҲОИ ТОҶИКИСТОН ВА ҶАҲОН



REPORTERS SANS FRONTIERES POUR LA LIBERTE DE LA PRESSE

**Мавкеи Ӯзбекистон соли дувум аст, ки дар радабандии Созмони "Гузоришгарони Бидуни Марз", ки сатҳи озодии матбуотро дар ҷаҳон назорат мекунад, поин меравад.**

Дар радабандии имсола Ӯзбекистон дар миёни 180 кишвари ҷаҳон мақоми 148-умро касб кардааст, ки назар ба нишондоди соли гузашта 11 зина поинтар аст. Мавкеи Тоҷикистон ҳам дар шохиси озодии матбуот якбора ду зина поён рафт. Соли гузашта дар зинаи 153 буд, имсол дар 155.



Служба Новостей Центральной Азии

**Раиси ҳизби мухолифи "Бутун Қирғизистон", собиқ муовини сарвазири ин кишвар Адахан Мадумаров, ки дар "хиёнат ба давлат" айбдор шуда буд, 25-уми апрел озод шуд.**

Суд ӯро ба далели сипарӣ шудани мухлати эътибор озод кард. Мадумаровро 2-юми сентябри соли 2023 барои имзои санади марбут ба қитъаи Торт-Кочо дар марзи Қирғизистону Тоҷикистон боздошт карданд. Ӯ ин санадро дар замони котиби Шӯрои амнияти Қирғизистон буданаш дар соли 2009 имзо кардааст.




KUN.UZ

**Суди Олии Ӯзбекистон рӯзи 6-уми май 198 касеро авф кард, ки дар солҳои 1920-1930-и асри гузашта аз сӯи низоми коммунистӣ бар асоси 11 парванда маҳкум шуда буданд.**

Қурбониён бо иттиҳомҳои "рафтори зиддиинқилобӣ", "шӯриши мусаллаҳона", "терроризм", "авбошӣ" ва ҷосусӣ дар ҳудуди Ҷумҳурии Қарақалпоқистон, вилоятҳои Тошканд, Фарғона, Хоразм, Бухоро, Ҷизах ва Намангони он кишвар маҳкум шудаанд.

# ПУТИН ПАНҶУМ БОР ПРЕЗИДЕНТ ШУД

ИНОСМИ

**Владимир Путин расман дар мақоми Президенти Русия барои як давраи нави шашсола ба кор шурӯъ кард. Дар ин бора Валерий Зоркин, раиси Суди конститутсионии Русия эълон кард.**



Владимир Путин рӯзи 7-уми май дар Кремл савганд ёд кард ва Валерий Зоркин ба ӯ рамзҳои кудратии президентӣ, аз ҷумла нишони сарисинагии президентӣ - салиби тиллоии Георгийро бо тасвири нишони Федератсияи Русия супурд.

Бояд гуфт, ки ин панҷумин давраи раёсати Владимир Путин ҳамчун Президенти Русия аст. Ӯ дар интихоботи соли 2024-ум 87,28% райъи мардумро ба даст овард. Ҳамин тариқ, мухлати феълии раёсати ҷумҳурии Владимир Путин 7-уми майи соли 2030 ба поён мерасад.

Пас аз маросими савгандёдкунии Владимир Путин ҳукумати Русия, ки таҳти раёсати Михаил Мишустин фаъолият мекард, ба истеъфо рафт. Ин тибқи талаботи қонун сурат гирифта, интизор меравад, ки ҳукумати нав таъйин шавад.

Бортников:

# ТАШКИЛКУНАНДАИ АСОСИИ ТЕРРОРРО МЕДОНЕМ!



интерфакс

**"Ташкилкунандаи асосии ҳамлаи террористӣ ба толори консерти "Крокус Сити Холл"-и Маскав ба мақомоти амнияти Русия маълум буда, ҳоло ӯ дар хориҷа қарор дорад".**

Дар ин бора Александр Бортников, сардори Хадамоти федералии амнияти Русия ба "Интерфакс" иттилоъ додааст.

Бортников гуфтааст, "тибқи тафтишоти анҷомшуда, тахмин карда метавонем, ки созмондиҳандаи асосӣ дар хориҷа аст". Аммо ӯ бо баҳонаи идомаи тафтишот, аз ошкор кардани ҳуввияти гумонбар худдорӣ кардааст.

Ёдовар мешавем, ки ҳамлаи террористӣ ба толори консерти "Крокус Сити Холл"-и Маскав 22-юми март рух дод, ки дар натиҷа 145 нафар ҷон бохта, садҳо нафари дигар ҷароҳат бардоштанд.

Бо гумони содир кардани ин ҷиноят 12 нафар шаҳрвандони Тоҷикистон боздошт шудаанд.

# ШАРТИ ИСРОИЛ БАРОИ ОТАШБАС

## Чаро ҲАМОС норозист?

FRANCE 24

**Музокироти оташбас дар Ғазза миёни кишварҳои миёнарав ва ҲАМОС ҳанӯз натиҷае надодааст. Ин музокирот дар Қоҳира миёни намояндагони ҲАМОС ва намояндагони Қатару Миср, ки пешниҳоди Исроилро дар даст доранд, ҷараён дорад.**



Қатар ва Миср бо намояндагони ҲАМОС пешниҳоди Исроил барои оташбас дар Ғазза ва раҳоии гаравгонҳоро баҳс мекунанд. Оҷонсии "Франс 24" хабар медиҳад, ки раҳбарони ин гурӯҳи фаластинӣ пойфишорӣ доранд, ки оташбас дар Ғазза бояд доимӣ бошад.

Исмоил Ҳания, раҳбари дафтари сиёсии ҲАМОС гуфтааст, ки созиши оташбасро замоне мепазиранд, ки таҷовузи Исроил дар Ғазза поён ёбад ва оташбаси доимӣ ҳукмфармо гардад.

Исроил ба ҲАМОС пешниҳод кардааст, ки бар ивази раҳоии гаравгонҳо 40 рӯз оташбас эълон мекунад, иҷоза медиҳад, ки сокинон ба шимоли Ғазза баргарданд, қисме аз маҳбусони фаластиниро аз зиндонаш раҳо мекунад ва нерӯҳояшро аз долоне, ки ҷанубу шимоли Ғazzaро аз ҳама ҷудо мекунад, берун мебарад.

ҲАМОС тақозо дорад, ки бояд на 40 рӯз, балки дар Ғазза оташбаси доимӣ эълон шавад ва нерӯҳои Исроил ин минтақаро тарк кунанд. Пешниҳоде, ки Исроил қабул надорад ва мегӯяд, то нобудии ҲАМОС пас аз тамом шудани мухлати оташбас меҷангад.

# ЧИН - ҚИРҒИЗИСТОН - ӮЗБЕКИСТОН

Фергана. Информационное агентство

**Президенти Қирғизистон Содир Ҷабборов гуфт, ки сохтмони роҳи оҳани Чин - Қирғизистон - Ӯзбекистон моҳи октябри имсол шурӯъ хоҳад шуд. Арзиши ин тарҳ 4,7 миллиард доллар аст.**

Ба гуфтаи Ҷабборов, ҳоло Қирғизистон аз ҷиҳати ҳамлу нақл дар "бунбаст" қарор дорад ва барои рафтан ба кишварҳои дигар аз роҳҳои оҳани Русияву Қазоқистон истифода мебарад.

"Вақте ки роҳи оҳан сохта шуд, метавонем ба ҷаҳон бароем. Ин роҳи худи мо хоҳад буд",- гуфт Ҷабборов.

Ба гуфти коршиносон, роҳи оҳан ба Қирғизистон фоидаҳои иқтисодии зиёд меорад. Барои мисол, робитаҳои наклиётии Қирғизистонро бо кишварҳои дигари Осиёи Марказӣ ва Ҷанубу Шарқи Осиё, инчунин Аврупо тақвият мебахшад. Ба илова, тарҳи мазкур ҷойҳои нави корӣ муҳайё мекунад.



# $170 МИЛЛИОН БА ХОРИҶА



## Тоҷикистон то кай равғанро аз берун ворид мекунад?

**Дар Тоҷикистон солҳои охир бо вуҷуди бунёду ба истифода додани даҳҳо корхонаи равғанбарорӣ, воридот бештар аст. Ҳамасола Тоҷикистон барои воридоти равғани растанӣ ҳудуди 170 млн доллар сарф мекунад. Ҳаҷми истеҳсоли ин маҳсулот дар дохили ҷумҳурӣ талаботи ҳамагӣ 15%-и аҳолиро қонеъ мекунад. Дар рафҳои дӯкону мағозаҳо бошад, аз ҳама аввал равғани истеҳсоли Қазоқистону Русия меистад.**

### Нархҳои дандоншикан

Яке аз муҳимтарин маводи ғизоӣ барои мардуми Тоҷикистон равғани растанӣ ба ҳисоб меравад. Ҳоло дар бозорҳои Тоҷикистон як литр равғани растании офтобпараст аз 18 то 22 сомонӣ аст. Нархи равғани пахта ҳам қариб ба равғани офтобпараст баробар аст. Агар нисбат ба ду сол пеш муқоиса намоем, ҳоло нархи равған наздики 50 фоиз гарон шудааст. Харидорон мегӯянд, ки дар шароити кишвари мо ин гуна нархҳо хеле гарон аст. Зеро бисёриҳо имкони хариданро надоранд, бо маошу нафақа рӯз мегузаронанд.

“Мегӯянд, ки корхонаҳои зиёди равғанбарорӣ кушодем. Куҷост истеҳсоли худамон, ки арзон харидорӣ кунем?”,- бо нигаронӣ мегӯянд харидорон. Аммо фурӯшандаҳои равған изҳор менамоянд, ки ширкатҳои воридкунанда ин навъи маводи ғизоиро бо нархи баланд ба онҳо дастрас мекунанд.

### Корхона барзиёду воридот аз берун

Ҳоло теъдоди корхонаҳои равғанбарорӣ дар Тоҷикистон аз 80 адад ҳам гузаштаст. Аммо талаботи аҳолиро пурра бо равғани худӣ таъмин карда наметавонанд. Бинобар ин, Тоҷикистон дар масъалаи воридоти равған бештар вобастаи кишварҳои дигар, аз ҷумла Қазоқистону Русия мебошад. Бино ба маълумоти оморӣ, воридкунандагони асосии маҳсулоти равған ба Тоҷикистон ҶДММ “ТаджЭро”, ҶДММ “Сифат сохтмон”, ҶДММ “Саноат ва Сохтмон”, ҶДММ “Некроҳ - 2014” ва дигар субъектҳои хоҷагидор ба ҳисоб мераванд. Аз ҳаҷми умумии маҳсулоти воридотӣ бештар ба Қазоқистон ва сипас ба Русия рост меояд. Ба андешаи коршиносон, ҳарчанд аз ҷониби корхонаҳои Тоҷикистон истеҳсоли равған нисбат ба чанд сол пеш зиёд шуда бошад ҳам, вале нокифоя аст. Онҳо талаботи дохилиро қонеъ намекунанд.

### Суғд дар ҷойи аввал

Дар миқёси Тоҷикистон аз ҳама теъдоди зиёди корхонаҳои равғанбарорӣ ба вилояти Суғд рост меояд. Яке аз онҳо ҶДММ “Сирдарё” дар шаҳри Хуҷанд мебошад, ки моҳи апрели соли равон зимни сафари Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон ба истифода дода шудааст. Гуфта мешавад, ки корхона дар як сол иқтидор дорад то 18 ҳазор тонна равғани растанӣ истеҳсол намояд. Корхонаи “Сирдарё” бо истифода аз ашёи хоми маҳаллӣ ва воридотӣ фаъолият менамояд. Ҳоло шумораи корхонаҳои истеҳсоли равған дар вилояти Суғд ба 37 адад расонида шудааст. Дар соли 2023 дар вилоят 21,6 фоизи равғани растании ҷумҳурӣ истеҳсол гардидааст.

Тоҷикистон талош дорад, ки истеҳсоли равғани растаниро беш аз 57% афзоиш дода, воридоти ин маҳсулотро 2,1% коҳиш диҳад. Ин рақам дар “Пешгӯии нишондиҳандаҳои асосии макроиқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2024” омадааст.

Тибқи ин санад, то соли 2024 ҳаҷми воридоти равғани растанӣ ва чарбу то 94 ҳазор тонна коҳиш меёбад. Дар баробари ин дар ҷумҳурӣ дар назар аст истеҳсоли равған, асосан равғани пахта зиёд карда шавад.

### Аз дастури Президент то назари коршинос

Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон борҳо вобаста ба таъмини амнияти озуқаворӣ ба вазорату идораҳои дахлдор супориш додаанд, ки ҳаҷми истеҳсол, харид, омодакунӣ ва содироти маҳсулоти хӯрокворӣ, аз ҷумла, маҳсулоти зарурӣ, аз қабили орд, равған ва сабзавот зиёд карда шавад.

Истеҳсоли равған, бино ба пешгӯии Вазорати рушди иқтисод ва савдо, дар се сол бояд аз 27,3 ҳазор тонна ба 43 ҳазор тонна дар соли 2024 афзоиш ёбад. Ба гуфтаи иқтисодшиносон, бо назардошти меъёри истеъмолӣ 16,6 кг барои як нафар дар як сол, бо назардошти афзоиши аҳолӣ эҳтиёҷ ба равған низ аз 160,8 ҳазор тонна то ба 170,6 ҳазор тонна дар соли 2024 мерасад, ки беш аз 6% мебошад. Аммо саволе ба миён меояд, ки Тоҷикистон метавонад бо ин ҳама худро бо равғани растанӣ таъмин кунад? Ба андешаи доктори илмҳои кишоварзӣ Қурбоналӣ Партоев, агар дар Тоҷикистон кишти зироатҳои равғандеҳ тибқи нақшаи мукаммал амалӣ шавад, вобастагии воридот ба маротиб камтар мешавад. Ба андешаи номбурда, бо муносибати дурусту бо риояи тамоми қоидаҳои агротехникӣ, дар Тоҷикистон аз зироатҳои равғандор ҳосили фаровон гирифтан имконпазир аст.

“Иқлими Тоҷикистон барои парвариши тамоми намуди растаниҳои равғандеҳ мусоид аст. Дар заминҳои лалмӣ имкони кишту парвариши кунҷит, зағир, офтобпараст вуҷуд дорад. Ҳам аз он равған мегирем ва ҳам барои хӯроки чорво мувофиқ аст. Танҳо банақшагирӣ лозим аст, ки Вазорати кишоварзӣ якҷо бо хоҷагиҳои деҳқонӣ амалӣ созанд”,-мегӯяд Қурбоналӣ Партоев.

Дар замони шӯравӣ Тоҷикистон то 1 миллион пахта истеҳсол мекард ва истеҳсоли равғани пахта аз ҳисоби пунбадона мебаромад. Яъне, Тоҷикистон аҳолии худро бо равған таъмин мекард. Аммо имрӯз кишти пахта дар як сол тақрибан 400-500 ҳазор тоннаро ташкил медиҳад. Бинобар ин, вобастагии воридоти равған бештар асту вақти он расидааст, ки кишти растаниҳои равғандеҳ бештар карда шавад.

Тоҷикистон ҳамасола барои хариди равғани растанӣ ҳудуди 170 миллионҳо доллар масраф мекунад. Масалан, соли 2022 ба Тоҷикистон ба маблағи зиёда аз 172 млн доллар равғану чарбу ворид карда шудааст. Маҳсулоти асосӣ дар воридоти моли ин гурӯҳ маргарин, равғани офтобпараст, равғанҳои растании сафлор, пахта, лӯбиё, рапс ва дигар навъҳои равғани растанӣ мебошанд.

Меъёри истеъмол дар як сол 16,6 кг барои як кас муайян шудааст. Бо назардошти афзоиши аҳолӣ, талабот ба равған аз 160,8 ҳазор дар соли равон то 171 ҳазор тонна дар соли 2025 мерасад.

Мувофиқи стратегия Тоҷикистон давоми солҳои наздик ният дорад, ки истеҳсоли равғани растаниро ба миқдори 20% зиёд карда, воридоти онро 6,5% кам кунад. Соли 2023 дар ҷумҳурӣ ҳудуди 25 ҳазор тонна равғани растанӣ истеҳсол шудааст. Ҳудуди 98 ҳазор тоннаи ин маҳсулот аз хориҷи кишвар ворид шудааст. Мувофиқи дурнамои нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ, соли 2025 ин нишондиҳандаҳо бояд мутаносибан 30,3 ва 92 ҳазор тоннаро ташкил диҳанд.

**Усмон РАҲИМЗОДА,**
**“Тоҷикистон”**




**Аз 20 то 25 май таҳти унвони «Душанбе – шаҳри ҳушманд» Ҳафтаи илм, технология, инноватсия ва ихтироъкории наврасону ҷавонони шаҳри Душанбе баргузор мегардад.**

Мақсад аз баргузории ҳафта дастгирии шавқу рағбати наврасону ҷавонон ба техникаву технологияи муосир буда, дар доираи ҳафта озмунҳои гуногун баргузор мегарданд. Чорабинӣ таҳти сарпарастии Раиси шаҳри Душанбе Рустами Эмомалӣ гузаронида мешавад.




**Аз сентябри соли 2024 дар ҳама мактабҳои Тоҷикистон пардохти иҷораи китобҳои дарсӣ ғайринақдӣ сурат мегирад.**

Дар ин бора аз Вазорати маориф ва илми Тоҷикистон хабар доданд. Гуфта мешавад, ки ба наздикӣ дар дохили барномаи мобилии “Амонат мобайл” қисмати пардохтҳои ғайринақдии иҷораи китобҳои дарсӣ илова хоҳад шуд. Пас аз таҳияи ин барнома волидон бо истифода аз телефони мобилӣ пули иҷораи китобҳои дарсии фарзандони худро пардохт кунанд.



**Муаррихи тоҷик Ғафур Шерматов бо ҷоизаи давлатии Русия сарфароз гардид.**

Ин ҷоиза барои хизматҳояш дар таҳкими дӯстӣ ва ҳамкории халқҳои Русия ва Тоҷикистон супорида шудааст. Ордени "Дӯстии Русия"-ро ба ӯ сафири Русия дар Тоҷикистон Семён Григорев дар маросими тантанавӣ ба муносибати Рӯзи Ғалаба тақдим намуд. Шерматов номзади илмҳои таърих, роҳбари гурӯҳи ҷустуҷӯии ёдбудии "Хотира-201" мебошад.




# МУЛОҚОТИ РАИСИ БОНКИ МИЛЛӢ БО САФИРИ ТУРКИЯ

**7-уми майи соли 2024 вохӯрии раиси Бонки миллии Тоҷикистон Фирдавс Толибзода бо сафири фавқулода ва мухтори Ҷумҳурии Туркия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷаноби Умут Аҷар баргузор гардид.**

Дар ҷараёни суҳбат ҷонибҳо перомуни ҳолати кунунии низоми бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, тавсеаи ҳамкориҳо дар самти низоми бонкӣ ва иқдомҳои оянда, кушодани суратҳисобҳои муросилотӣ, таъсиси филиалҳои бонкҳои Ҷумҳурии Туркия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамкорӣ дар самти рушди иқтисоди "сабз" ва дурнамои ҳамкориҳо байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Туркия табодули назар намуданд.

Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Фирдавс Толибзода сафирро бо вазъи макроиқтисодӣ ва низоми бонкии кишвар шинос намуда, қайд кард, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи бонкдорӣ барои таъсиси бонкҳои хориҷӣ, филиал ва намояндагиҳои онҳо дар Тоҷикистон шароити мусоид фароҳам овардааст ва Бонки миллии Тоҷикистон дар доираи қонунгузории ҷорӣ ва дар ҳамоҳангӣ бо мақомоти дигари давлатӣ омода аст, ки дархостҳоро барои кушодани бонкҳои фаръӣ, филиалу намояндагиҳои бонкҳои Ҷумҳурии Туркия дар Тоҷикистон баррасӣ намояд. Мавҷудияти сармояи хориҷӣ дар иқтисодиёт аз ҷолиб будани он барои сармоягузорони хориҷӣ шаҳодат медиҳад ва давлат баробарҳуқуқии сармоягузорони хориҷиву ватаниро кафолат медиҳад.

Сафири фавқулода ва мухтори Ҷумҳурии Туркия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷаноби Умут Аҷар аз таваҷҷуҳи Бонки миллии Тоҷикистон ва хоҳиши тавсеа бахшидани ҳамкориҳо дар низоми бонкии ду кишвар истиқбол карда, ҳамзамон бахшҳои тиҷорату сайёҳиро дар муносиботи иқтисодии кишварҳо муҳим арзёбӣ намуд.

Дар фарҷом, ҷонибҳо ҳавасмандии худро барои тақвияти ҳамкории самараноки минбаъда, ки на танҳо ба рушди низоми бонкӣ, балки ба иқтисодиёти кишвар мусоидат менамояд, изҳор намуданд.

# БМТ: ФЕСТИВАЛИ САВОДНОКИИ МОЛИЯВӢ ДАР ДАНҒАРА

**Дар доираи иҷрои дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 25-уми апрели соли 2024 дар Қасри фарҳанги ноҳияи Данғара бо иштироки намояндагони ташкилотҳои қарзии молиявӣ, суғуртавӣ ва шарикони рушд, аз ҷумла шарикони маҳаллӣ ва хориҷӣ фестивали "Саводнокии молиявӣ" баргузор гардид.**

Дар оғоз муовини раиси Бонки миллии Тоҷикистон Гулбаҳор Назирӣ вобаста ба ҳадафҳои асосии роҳандозии чорабинии мазкур, яъне васеъ намудани дастрасии аҳолӣ ба хизматрасониҳои молиявию суғуртавӣ, муаррифии хизматрасониҳои ташкилотҳои қарзии молиявӣ ва суғуртавӣ ва ба ин васила баланд бардоштани сатҳи саводнокии молиявии аҳолӣ суханронӣ намуд.

Дар идома мутахассисони Бонки миллии Тоҷикистон, намояндагони ташкилотҳои қарзии молиявӣ, соҳибкорони муваффақ ва намояндагони ширкатҳои хориҷӣ дар мавзуъҳои гуногуни марбут ба саводнокии молиявӣ, аз ҷумла баланд бардоштани маърифати молиявӣ, рушди бозори коғазҳои қимматнок дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, рақамикунонии пардохтҳо ва тавсеаи инфрасохтори пардохт, суғурта, аҳамият, манфиат ва фишангҳои молиявӣ, қаллобӣ дар интернет ва роҳҳои пешгирии он ва дигар мавзуъҳои низоми бонкӣ ва молия баромад намуда, таҷрибаҳои хешро дар ин самт баён доштанд.

Илова бар ин, дар ҷараёни фестивал бо иштирокдорон якчанд озмунҳо гузаронида шуда, ба ғолибон тӯҳфаҳои хотиравӣ тақдим карда шуд.

Дар қисмати дуюми фестивал "Намоиши маҳсулоти молиявӣ ва суғуртавӣ" баргузор гардид. Ташкилотҳои қарзии молиявӣ, суғуртавӣ ва соҳибкорони инфиродӣ маҳсулоти молиявӣ ва истеҳсолии худро ба иштирокдорони чорабинӣ муаррифӣ намуданд.

Маврид ба зикр аст, ки чорабиниро ҳамзамон барномаи фарҳангӣ шукуҳи тоза бахшида, ҳунармандони варзида бо санъати хеш табъи зиёда аз 1500 нафар толибилмон ва омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, касбӣ ва мактабҳои олӣ, кормандони ташкилотҳои қарзии молиявӣ ва намояндагони ташкилотҳои хориҷӣ ва дигар иштирокчиёни фестивалро болида гардониданд.






Шомил Иззатзода:

# ПАРДОХТҲОИ ҒАЙРИНАҚДӢ БА МАНФИАТИ МАРДУМ АСТ

**Аз гузаштани Тоҷикистон ба низоми пардохтҳои ғайринақдӣ қариб як сол сипарӣ мешавад. Шомил Иззатзода, намояндаи Бонки миллии Тоҷикистон зимни як суҳбати ихтисосӣ дар подкасти "Маърифати молиявӣ" манфиати истифодаи пардохтҳои ғайринақдӣ, роҳҳои чӣ гуна истифода бурдани корту ҳамёнҳои мобилӣ ва ба доми қаллобон наафтоданро шарҳ дод.**

**- Аз нигоҳи шумо, ҳамчун мутахассиси бонк гузаштан ба пардохтҳои ғайринақдӣ дар Тоҷикистон то куҷо ба манфиати мардум аст?**

- Тоҷикистон аз 22-юми июни соли 2023 ба ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ гузашт. Ҳадаф аз ин ташаббус, пеш аз ҳама кам кардани гардиши пули нақд дар муомилот мебошад.

Ин низом ба мардум сабукиҳо меорад. Аз ҷумла, дар назди банкоматҳо навбатпоӣ кам ва дар марказҳои хизматрасониҳои бонкӣ вақт сарфа мешавад. Ғайр аз ин, тавассути пардохтҳои ғайринақдӣ суръати баланди хизматрасониҳо таъмин, дар марказҳои хизматрасонӣ вақти мизоҷ хангоми пардохти пули нақд камтар сарф мешавад. Аз ҳама муҳим шаффофият ва ғанӣ гаштани буҷети ҷумҳурӣ аст. Яъне, бо пардохтҳои ҳатмии андоз ва дигар хизматрасониҳо ба мардум имкон фароҳам меояд.

Ҳангоми амалиётҳои пардохтиро анҷом додан, тамоми маълумот - аз таърихи пардохту харочот сабту нигоҳдорӣ мешавад. Дар вақти зарурат мо метавонем, ки истифода намоем. Ин ҳам як навъ шаффофият ва сабукӣ барои мардум аст. Дар низоми бонкӣ, яъне истифодаи ҳамёнҳои мобилӣ ва кортҳои бонкӣ имконияти бекор кардани таърихи пардохтҳо вуҷуд надорад. Дилхоҳ амалиёте, ки анҷом медиҳем, хоҳ 1 моҳ ва ё 1 сол пас, дар дилхоҳ вақт имкон дорем, ки огоҳ шавем ва расиди электрониро дастрас намоем. Мисол, агар ҳақи истифодаи хизматрасониҳои коммуналиро бо пули нақд анҷом диҳем ва расидро гирем, имкон дорад, ки гум шавад ё маълумоти он тоза шавад. Аммо ҳангоми пардохти ғайринақдӣ чунин нест. Тамоми маълумот ҳифз мешавад.

**- Яке аз омилҳои дигари гузаштан ба пардохтҳои ғайринақдӣ коҳиш додани навбатпоӣ дар назди банкоматҳо, нуқтаҳои хизматрасониҳои бонкӣ низ арзёбӣ мешавад. Аммо ҳоло ҳам мушоҳида менамоем, ки мардум дар назди банкоматҳо навбат меистанд. Чаро?**

- Чунин ҳолатҳо дар баъзан маврид ҷой доранд. Ин ҳам ҳангоми гирифтани музди меҳнат тавассути корт аз банкоматҳо мебошад. Мутаассифона, мардум одат кардаанд, ки музди меҳнат ё маблағи интиқолро якбора аз банкомат гиранд. Баъдан, бо пули нақд хариди молу маҳсулотро анҷом медиҳанд. Ҳол он ки имкон дорад тавассути ҳамёнҳои мобилӣ ё корт хариди маҳсулот ё хизматрасониҳоро анҷом диҳанд.

**- Дар шабакаҳои иҷтимоӣ оид ба сармоягузорӣ ба ширкатҳои гуногун, ба мисли "Газпром инвест", "Алиф профит", "Тесла Х" ва даромадҳои "Ҳалол" роликҳои тарғиботӣ зиёд пахш мешаванд. То кадом андоза чунин роликҳо асоси воқеӣ доранд?**

- Гузаштан ба пардохтҳои ғайринақдӣ барои давлат ва ҷомеа мусбат аст. Аммо, мутаассифона, шахсоне ҳастанд, ки аз ҳамин гузариш истифода карда, мехоҳанд маблағҳои бедардимён ба даст оранд. Аз ҷумла роликҳои тарғиботие, ки дар шабакаҳои иҷтимоӣ аз номи чунин ташкилотҳои молиявӣ пайдо шуда, мардумро ба сармоягузорӣ ва ба даст овардани фоидаи зиёд даъват мекунанд. Инҳо ҳама қаллобони молиявӣ ҳастанд. Мардум бояд ба чунин роликҳо бовар накунанд. Ба шаҳрвандони мо ваъдаҳои дурӯғи пули бештар кор карданро медиҳанд.

**- Чунин қаллобон дар Тоҷикистон фаъолият доранд ё берун аз он?**

- Онҳо берун аз Тоҷикистон фаъолият доранд ва тавассути шабакаҳои иҷтимоӣ тамос мегиранд. Бо баҳонаи сармоягузорӣ ва ваъдаи ба даст овардани пули калон, мардумро ба ҷониби худ моил мекунанд. Мутаассифона, нафарони зиёде бовар карда, ба онҳо пул гузарониданд. Бинобар ин, шаҳрвандони кишвар набояд рамзи махфии кортро ба ягон кас диҳанд.

**- Ҳангоми ба чунин ҳолатҳо рӯ ба рӯ шудан, шаҳрвандон бояд чӣ кор кунанд?**

- Гуфтаанд, ки илоҷи воқеа пеш аз вуқуъ аст. Мардум бояд ҳеҷ гоҳ ба гапи қаллобон гӯш надиҳанд ва ба ваъдаҳои бардурӯғ бовар накунанд. Шаҳрвандон вақте чунин роликҳоро мебинанд, аввал дар бораи онҳо маълумот гиранд. Аз суроғаи ҳуқуқӣ то макони ҷойгиршавии онҳо огоҳ шаванд. Ҳатто, ба Бонки миллии Тоҷикистон тавассути телефони боварии 44-600-15-20 ё ташкилотҳои молие, ки аз номи онҳо роликҳои тарғиботии бардурӯғ ташкил шудаанд, муроҷиат намоянд.

**Мусоҳиб:**
**Усмон РАҲИМЗОДА**

# БА ҚАДРИ СУЛҲ БИРАСЕД!

## Паёми қаҳрамонони ҷанг

*9-уми май Рӯзи Ғалаба дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ аст. Ин санаро чун дар кишварҳои дигари пасошӯравӣ дар Тоҷикистон низ пос медоранд, зеро аз 1 миллион аҳолии Тоҷикистон дар соли 1941 беш аз 300 ҳазор нафари онҳо ҷонро ба каф гирифта, барои дифои Ватан рафтанд.*

**Ҳамагӣ 24 нафар монданд…**

*Аз 300 ҳазор ҷанговари тоҷик 92 ҳазор нафар ҳалок ва бе ному нишон шуданд. Барои корнамоиҳо дар ҷанг ба 65 нафар зодагони Тоҷикистон унвони Қаҳрамони Иттиҳоди Шӯравӣ дода шуда, 15 нафар бо ордени "Шараф" ва боз 55 ҳазор кас бо ордену медалҳои дигар мукофотонида шуданд.*

*… Имрӯз дар Тоҷикистон ҳамагӣ 24 иштирокчии Ҷанги Бузурги Ватанӣ дар қайди ҳаёт ҳастанд: 10 нафар дар вилояти Хатлон, 6 нафар дар вилояти Суғд, 5 нафар дар ноҳияҳои тобеи марказ ва 3 нафар дар шаҳри Душанбе.*

*Дар арафаи таҷлили Рӯзи Ғалаба хабарнигори "Тоҷикистон" ба аёдати ҷанговарони шаҳри Душанбе рафт.*

### МУХТОР ЗАРГАРОВ:
### АЗ КАНАЛИ ФАРҒОНА ТО ҶАБҲА



**Мухтор Заргаров соли 1920 дар шаҳри Ҳисор таваллуд шуда, ҳоло дар деҳаи Чоряккорони ноҳияи Рӯдакӣ умр ба сар мебарад. Ӯ феълан ягона иштирокчии Ҷанги Бузурги Ватании солҳои 1941-1945 дар ноҳияи Рӯдакӣ аст. Номбурда мактаби миёнаро дар Ҳисор хатм карда, дар кандани канали Фарғона, роҳи Варзобу Помир иштирок кардааст.**

Моҳи сентябри соли 1941 рафиқони Мухтор Заргаровро ба ҷанг мебаранд. Ӯ ҳам ихтиёрӣ ба ҷанг рафтанӣ мешавад.

- Ҷанги Финландия шурӯъ шуда буд. Он вақт мо канали Фарғонаро бо даст мекандем. Рафиқонам ба ҷанг даъват шуданд. 9-уми сентябри соли 1941 вақте онҳо ба фаронт мерафтанд, ман ҳамроҳашон ба комиссариати ҳарбӣ рафтам,- ба ёд меорад Мухтор Заргаров.

Вале ӯро ҳамроҳ бо дӯстонаш ба ҷанг намефиристанд. Балки ба курси омодагии ҷангӣ ҷалб мекунанд. Ӯ билохира соли 1942 ҳамчун сарбоз ба майдони ҷанг рафта, дар ҳайати бригадаи тонкӣ ба ҳайси нишонгир хизмат мекунад.

Бобои Мухтор дар муҳорибаҳои даҳшатбори Минск, Дубровка, Сосновка ва Березовка иштирок карда, қаҳрамониҳо нишон додааст. Ҳамчунин, ӯ чандин маротиба захм бардоштааст.

Мухтор Заргаров баъд аз анҷом ёфтани ҷанг боз як соли дигар дар барқарорсозии шаҳру деҳаҳои харобгардида иштирок карда, соли 1947 ба Ватан бармегардад.

- Чун хизмати ман як сол идома ёфт, хешовандонам умедашонро меканданд. Вақте ман омадам, онҳо хеле хурсанд шуданд. Панҷ рӯз дар хона истироҳат кардаму маро ба сохтмони НБО-и «Варзоб» даъват карданд. Ҳамин тавр, боз ба сохтмон рафтам,- мегӯяд бобои Мухтор.

Мухтор Заргаров дорандаи чандин ордену медалҳо, аз ҷумла медали Жуков, ордени «Шараф» (дараҷаи 1) ва ғайра аст. Бобои Мухтор тибқи асноди расмӣ 104-сола аст. Вале худаш мегӯяд, ки дар ҳуҷҷатҳояш иштибоҳ рафтаву ҳоло 109-сола мебошад...



### ТЕШАБОЙ ОДИЛОВ

*Пайдо шудани ҳуҷҷати "Қаҳрамони Иттифоқи Советӣ"*

**Номи снайперисти маъруфи тоҷик Тешабой Одилов дар замони Шӯравӣ хеле маъруф буд. Корномаҳои ӯ дар замони Ҷанги Бузурги Ватанӣ вирди забонҳо шуда, дар бораи ӯ адибону журналистон, аз ҷумла Б. Ғафуров, М. Турсунзода, П. Лкунитский, И. Брагинский, М. Раҳимӣ ва дигарон шеъру мақола ва очерку ҳикояҳо навиштаанд…**

… Вале то ҳамин сол маълум набуд, ки Тешабой Одилов низ дар қатори дигар фарзандони бузурги тоҷик бо унвони баланди Қаҳрамони Иттиҳоди Шӯравӣ мукофотонида шудааст. Гарчанде худи Тешабой Одилов умри дарози бобаракат дид, вале аз унвони баландаш огоҳӣ надошт.

Инак, бо гузашти 79 сол аз Ғалабаи Артиши Шӯравӣ бар фашизм, ҳуҷҷати ба унвони баланди "ҚАҲРАМОНИ ИТТИФОҚИ СОВЕТӢ" сарфароз гардонидани сержанти калони полки 65-уми тирандози дивизияи 43-юм Одилов Тешабой, ки соли 1945 дода шудааст, пайдо шуд. Ин ҳуҷҷат дар сомонаи "Память народа", ки Вазорати дифои Федератсияи Русия дар асоси архиви Ҷанги Бузурги Ватанӣ таъсис додааст, нашр гардид. Яъне сафи фарзандони диловари тоҷик, ки бо унвони баланди Қаҳрамони Иттифоқи Советӣ мукофотонида шудаанд, як нафар зиёд шуд. Ахиран, муҳаққиқи тоҷик Умари Шерхон дар натиҷаи ҷустуҷӯҳои бисёрсола теъдоди Қаҳрамонони Иттифоқи Советиро 67 нафар шуморида, дар бораи онҳо дар китобаш "Пурдил" маълумот овардааст.

Мавриди ёдварист, ки Тешабой Одилов соли 1918 дар деҳаи Ҳушёри водии Фарғона таваллуд шудааст. Баъди хатми мактаби миёна ва техникуми омӯзгорӣ, як муддат дар Фарғона муаллим шуда кор кардааст. Ӯ соли 1939 ба сафи артиши Шӯравӣ даъват мешавад. Хизмати сарбозиаш ба поён нарасида, Ҷанги Бузурги Ватанӣ оғоз меёбад.

Тешабой Одилов ҷангро дар Беларуси Ғарбӣ пешвоз гирифт. Тибқи ҳуҷҷате, ки феълан пайдо шудааст, ӯ 3 маротиба ҷароҳат бардошта, баъди табобат гирифтан боз ба хати фронт бармегардад. Ӯ аввал дар ҳайати полки 638-уми тирандози дивизияи 115 ва баъдан дар ҳайати полки 65-уми тирандози дивизияи 43-юм ҷангида, дар замони ҷанг ҳамчун тирандози укобчашм ном баровarда буд.

(Давомаш дар саҳ.15)

### НАҒЗИБЕКОВ БОЗОР:
### БА ҚАДРИ СУЛҲ РАСЕД!



**Нағзибеков Бозор Шодмонович соли 1926 таваллуд шуда, имсол 98-солагиашро ҷашн мегирад.**

Дар синни 15-солагӣ ба ҷанг рафтааст. Дар фронти якуми Украина ба муқобили истилогарон ҷангида, захмдор шуда, ба Ватан баргаштааст. Баъди ҷанг дар соҳаи хизматрасонӣ машғули кор шудааст. Ӯ аввалин директори чойхонаи «Роҳат» мебошад, ки соли 1958 дар Душанбе кушода шуд.

- Ҷанг ҳамеша харобӣ ва кашшокӣ меорад. Аз ин рӯ, Худо кунад, ки шумо ҷавонон, он чиро ки мо аз сар гузаронидаем, набинед. Сулҳро бояд қадр кард,- таъкид мекунад ветерани ҶБВ Бозор Нағзибеков.

### ҲАЙДАР ҲАЛИМОВ:
### МЕДАЛҲОЯМРО ДУЗДИДАНД



Қаҳрамони дигари мо - Ҳайдар Ҳалимов имсол 103-сола мешавад. Ӯ моҳи декабри соли 1920 таваллуд шуда, моҳи октябри соли 1941, дар 21-солагӣ ба хизмати ҳарбӣ рафтааст. Дар муҳорибаҳо барои озод кардани Москва, Ленинград, Брест, шаҳрҳои назди Балтика иштирок кардааст. Вай дар фронти дуюми назди Балтика дар дивизияи машҳури Панфилов хизмат кардааст. Моҳи октябри соли 1945 ба Ватан баргаштааст.

Баъд аз ҷанг Ҳалимов солҳои зиёд дар шуъбаи роҳи оҳани шаҳри Душанбе ва колхоз кор кардааст. Ҳоло дар пойтахт дар иҳотаи аҳли оила зиндагӣ мекунад. Ӯ дар хотир надорад, ки чанд ордену медал гирифтааст, вале ҳаётро мукофоти асосӣ медонад, ки сарфи назар аз ҳама душвориҳои ҷанг, зинда баргаштааст.

- Нисфи медалҳои маро ҳамроҳи курткаам солҳои 90-ум, дар замони ҷанги шаҳрвандӣ дуздиданд,- мегӯяд Ҳайдар Ҳалимов.

Ҳайдар Ҳалимов имрӯзҳо наберазу аберахояшро дар канор гирифта, насиҳат мекунад, ки ба қадри ҳаёти осоишта бирасанд ва сулҳро қадр бикунанд...

### ҚАДРШИНОСӢ ДАР РӮЗИ ҒАЛАБА

*Ба ифтихори Рӯзи Ғалаба ба ҳар як иштирокчии Ҷанги Бузурги Ватанӣ дар Тоҷикистон, ки ҳамагӣ 24 нафар боқӣ мондаанд, аз ҳисоби буҷети ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ тақрибан 50 ҳазор сомонӣ тақдим карда мешавад.*

*Аз ҷумла, Эмомалӣ Раҳмон, Президенти Тоҷикистон ба ҳар як иштирокчии ҶБВ 40 ҳазор сомонӣ ҷудо кардааст.*

*Раиси шаҳри Душанбе ва раисони вилоятҳои Суғду Хатлон барои иштирокчиёни ҶБВ, ки дар минтақаашон зиндагӣ мекунанд, аз 5 то 10 ҳазор сомонӣ ҷудо кардаанд.*

*Аз ҷумла, Рустами Эмомалӣ, шаҳрдори Душанбе ба 3 иштирокчии ҶБВ, ки дар Душанбе боқӣ мондаанд, 30 ҳазор сомонӣ ҷудо кард, ки ба ҳар яке 10 ҳазор сомонӣ рост меояд.*

**Сумани УБАЙДУЛЛО**

**АСОСГУЗОРИ СУЛҲУ ВАҲДАТИ МИЛЛӢ - ПЕШВОИ МИЛЛАТ, ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН МУҲТАРАМ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН ҲАМАСОЛА ДАР ПАЁМАШОН НИСБАТИ СОҲАИ МАОРИФ, МАКТАБ ВА ОМӮЗГОР СУХАНРОНӢ НАМУДА, ЭҲТИРОМ ГУЗОШТАН БА ОМӮЗГОР ВА ДАСТГИРИИ МУАССИСАҲОИ ТАЪЛИМИРО ВАЗИФАИ ҲАР ЯК ШАҲРВАНД МЕШУМОРАНД.**

Умед Эшонзода, мудири маорифи Ҷайҳун:

# БА ЯК ҚАТОР ДАСТОВАРДҲО НОИЛ ГАРДИДЕМ




Маорифчиёни ноҳияи Ҷайҳуни вилояти Хатлон ин нуктаҳоро сармашқи кори худ қарор дода, баҳри рушди маориф пайваста талош менамоянд. Ба гуфтаи мудири шуъбаи маорифи ноҳия Умед Эшонзода, шуъбаи маорифи Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Ҷайҳун дар се моҳи соли 2024 ҷиҳати иҷрои дастуру супоришҳо нақшаи чорабиниҳо тартиб дода, як қатор корҳоро ба сомон расонидааст.

## Маълумоти умумӣ

Тавре мудири шуъбаи маориф Умед Эшонзода иттилоъ дод, дар ноҳияи Ҷайҳун 50 адад муассисаҳои таълимӣ, як адад Литсейи хусусӣ барои хонандагони болаёқат, Маркази таҳсилоти иловагӣ, Маркази технологияи иттилоотӣ ва коммуникатсия, Маркази рушди истеъдодҳо ва 3 муассисаи томактабӣ фаъолият доранд. “Қайд менамоем, ки дар семоҳаи соли 2024 як муассисаи томактабии дигар - “Калидчаи тиллоӣ” ба фаъолият оғоз намуда, дар ин муассиса 4 гурӯҳ иборат аз 100 кӯдакон ба таълиму тарбия фаро гирифта шудаанд”,- афзуд ӯ.

Зикр гардид, ки ба ҳолати 3-юми апрели соли 2024 дар ноҳия 1634 нафар омӯзгорон (аз ҷумла занон 819 нафар), аз инҳо 991 нафар бо маълумоти олӣ, 439 нафар бо маълумоти миёнаи махсус, 204 нафар бо маълумоти миёнаи умумӣ ба таълиму тарбия машғул мебошанд. Аз шумораи омӯзгорони зикршуда 83 нафар омӯзгорони ғайриихтисос ва 29 нафар бо маълумоти ғайрипедагогӣ дар муассисаҳои таълимӣ фаъолият намуда истодаанд. Бо дараҷаи тахассуси олӣ бошад, 324 нафар, бо дараҷаи тахассуси якум 420 нафар, бо тахассуси дуюм 253 нафар, бе дараҷаи тахассусӣ 637 нафар омӯзгорон фаъолият доранд. Шумораи омӯзгороне, ки унвони Аълочии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистонро соҳибанд, 30 нафар мебошанд.

- Айни ҳол теъдоди омӯзгорони нафақагир дар муассисаҳои таълимии ноҳия 80 нафарро ташкил медиҳад, ки бинобар сабаби норасоии кадрӣ барои таълиму тарбияи насли наврас ба муассисаҳои таълимӣ ҷалб карда шудаанд,- гуфт Умед Эшонзода.

Бино ба иттилои мавсуф, айни замон дар ноҳия 37760 нафар хонандагон ба таълиму тарбия фаро гирифта шудаанд, ки аз онҳо 17800 нафарашонро духтарон ташкил медиҳанд.

## Озмуну олимпиадаҳо





Зикр гардид, ки ҳамасола бо Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон озмунҳои “Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст”, “Илм фурӯғи маърифат” ва “Тоҷикистон - ватани азизи ман” ва имсол озмуни нав - “Маърифати ҳуқуқӣ - оини худшиносӣ” низ баргузор карда мешавад. Даври муассисавии озмуни “Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст” ҷамъбаст карда шуда, дар он 3169 нафар хонанда ва 10 нафар омӯзгорон иштирок намуда, аз ин шумора ба даври дуюми озмун 632 нафар хонанда ва 4 нафар омӯзгорон роҳхат гирифтаанд.

Илова бар ин, дар се моҳи соли 2024-ум 85 нафар хонандагон дар олимпиадаи фаннии даври вилоятӣ иштирок намуда, аз ин шумора 19 нафар сазовори роҳхат ба даври ҷумҳуриявӣ гаштаанд.

Инчунин, байни 50 муассисаҳои таълимӣ чорабиниҳо-озмунҳои фаннӣ, аз ҷумла озмуни “Донояк” байни хонандагони синфҳои 2-4, “Ифтихори ватандорӣ” байни хонандагони синфҳои 5-11, “Ватанпарвар” ва олимпиадаи фаннӣ байни хонандагони синфҳои 5-11, озмуни “Омӯзгори соли Тоҷикистон”, “Мураббии соли Тоҷикистон”, “Беҳтарин директори муассисаи таълимӣ” дар ноҳия гузаронида шуда, айни замон дар муассисаҳои таълимӣ озмунҳои “Илм - фурӯғи маърифат”, “Тоҷикистон - ватанаи азизи ман”, “Маърифати ҳуқуқӣ - оини худшиносӣ” ва “Луғатдони беҳтарин” гузаронида шуда истодааст.

## Бақайдгирии довталабон дар ММТ

Ба гуфтаи мудири шуъбаи маориф, аз 1-уми марти соли 2024 бақайдгирии Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои хатмкунандагони муассисаҳои таълимӣ оғоз ёфта, то ин ҷониб аз шумораи 1247 нафар хонандагон 700 нафар (56%) аз қайди ММТ гузаронида шуда, айни замон бақайдгирии довталабон дар нуқтаи бақайдгирии ММТ бомаром идома дорад.

## Такмили ихтисос ва озмоиши низоми 10-хола

Бино ба иттилои Умед Эшонзода, тибқи нақшаи таҳияшуда дар соли 2024-ум 334 нафар омӯзгорон ва роҳбарони муассисаҳои таълимӣ, муовинони директор оид ба таълиму тарбия аз курсҳои такмили ихтисос бояд гузаронида шаванд. Аз ин шумора дар се моҳи соли 2024-ум 104 нафар омӯзгорон аз курси такмили ихтисос гузаронида шудаанд, ки аз ин шумора 10 нафар директорони муассисаҳои таълимӣ ва 14 нафар муовинони директорҳо мебошанд.

- Оид ба рафти иҷрои қарори Мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.10.2023, №26/27 “Дастурамал оид ба озмоиши низоми 10-хола ва меъёрҳои арзёбии дониш, малака ва маҳорати хонандагони муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон” дар ноҳияи Ҷайҳун 4 муассисаи таълимӣ - №№1, 5, 8 ва 16 ҳамчун муассисаҳои озмоишӣ интихоб шуда, аз ҳар як муассисаи зикршуда се нафар омӯзгор: 1 нафар омӯзгори фанни забони тоҷикӣ дар синфи 5 ва 1 нафар омӯзгори фанни математика дар синфи 5, ҷамъ 12 нафар дар якҷоягӣ бо мудири кабинети методӣ дар шаҳри Бохтар дар семинари серӯза иштирок намуданд,- гуфт мудири шуъбаи маориф.

Зикр гардид, ки аз 11-уми феврали соли ҷорӣ дар муассисаҳои номбурда як синфи 2 ва як синфи 5 интихоб шуда, таълим ва баҳогузорӣ мутобиқи низоми баҳогузории 10-хола гузаронида шуда истодааст.

## Муҷаҳҳазгардонӣ ва сохтмон

Тавре маълумот дода шуд, дар семоҳаи соли ҷорӣ бо дастгирии раиси вилояти Хатлон Давлаталӣ Саид ва Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон 3 адад кабинети фаннии суруд ва мусиқӣ ба шуъбаи маорифи ноҳия оварда шуда, дастраси муассисаҳои таълимӣ гардонида шудааст.

Инчунин, 20 кабинети фаннӣ аз фанҳои химия, физика, биология, география ва математика маҳз бо маблағгузории Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон дар соли сипаришуда алакай харидорӣ шудаанд.

Зимнан, аз тарафи “КАСА-1000” дар муассисаҳои таълимии №№ 2, 4, 20, 23, 28 ва 39 сохтмони синфхонаҳои иловагӣ ва таъмири асосӣ бомаром идома дорад.

Аз ҳисоби кумитаи АВО дар назди муассисаи таълимии №6-и ҷамоати деҳоти Панҷ, дар деҳаи Истиқлол сохтмони муассисаи таълимии дуошёна бо шумораи 16 синфхона ва дар назди муассисаи таълимии №49 сохтмони синфхонаҳои иловагӣ бо назардошти 4 синфхонаи иловагӣ идома дошта, дар назди муассисаи таълимии №47-ум 6 синфхонаи иловагӣ пурра сохта шуда, алакай мавриди баҳрабардорӣ қарор доранд.

Инчунин, сохтмони бинои шуъбаи маорифи ноҳияи Ҷайҳун, ки дар маркази ноҳия қомат афрохтааст, дар арафаи анҷомёбӣ қарор дорад.

- Умуман, дар семоҳаи соли 2024 мо - маорифчиёни ноҳия барои баланд бардоштани сатҳу сифати таълим ва тарбия кӯшиш ба харҷ дода, ба як қатор бурдбориҳо ноил гардидем. Чунки Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раёсати маорифи Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон ва Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Ҷайҳун ба муассисаҳои таълимӣ, умуман ба тамоми маорифчиёни ноҳия дар ҳамаи самтҳои фаъолият дастгирии ҳамаҷонибаи худро расониданд,- гуфт мудири шуъбаи маорифи ноҳияи Ҷайҳун Умед Эшонзода.

# «ОВОЗИ ТОҶИК»

## ва рисолати таърихи тоҷикон

**ТАЪСИСИ ҶУМҲУРИИ МУХТОРИ ШӮРАВИИ СОТСИАЛИСТИИ ТОҶИКИСТОН ВОҚЕАИ БУЗУРГЕ ДАР САРНАВИШТИ ХАЛҚИ ТОҶИК МЕБОШАД, КИ ОН ЗАМИНАИ ПЕШРАФТИ ИҚТИСОДӢ, СИЁСӢ ВА ФАРҲАНГИВУ ИҶТИМОӢ ГАРДИД. ТАВЛИД ВА ТАШАККУЛИ МАТБУОТИ МИЛЛИИ ТОҶИК ЯКЕ АЗ РӮЙДОДҲОИ МУСБАТИ ИН ЗУҲУРОТИ ТАЪРИХӢ БУД. АЗ ИН ҶО, МАВҚЕИ ТАЪРИХИИ РӮЗНОМАИ «ОВОЗИ ТОҶИК» ДАР РУШДИ МАЪНАВИЁТУ ФАРҲАНГИ ХАЛҚ МАХСУС АРЗЁБӢ МЕШАВАД.**




Дар қарори КМ РКП(б) аз 22-юми феврали соли 1924 «Дар бораи пурзӯр кардани роҳбарии ҳизбӣ ба матбуот ва кори нашр» диққати асосӣ ба таъсиси рӯзномаҳо, ки ба махсусияти халқҳои Шарқ мувофиқат кунад, равона гардид. Ҳамин гуна рӯзнома, ки ҳаёти халқи тоҷик, таърихи он, забони он, мавқеи ҷуғрофӣ, ташкилотчигӣ ва мавҷудияти онро дар як давраи муҳим инъикос намояд, рӯзномаи «Овози тоҷик» буд.

«Овози тоҷик» дар рӯзҳое нашр гардид, ки дар Осиёи Миёна тақсимоти ҳудуди миллӣ ба амал меомад. Гуфтугӯҳо дар атрофи тақсими ҳудуди миллии Осиёи Миёна солҳои 1920 сар зада буданд. Дар алоқамандӣ ва печидагиҳои муносибатҳои миллӣ дар Туркистон, Бухоро, аз ҷумла таъсири пантуркизм афзуд ва тарафдорони тамоили мазкур кӯшиш мекарданд, ки Ҷумҳурии Туркистонро аз ҳайати Россия ҷудо карда, ба ҷои он аз ҳисоби аҳолии туркзабони Осиёи Миёна давлати мустақили туркӣ созанд. Баъдтар, хусусан дар давоми соли 1924 масъалаи тақсими ҳудуди миллии Осиёи Миёна дар ҷаласа ва комиссияҳои Бюрои Осиёи Миёнагии КМ ҲК(б) Россия борҳо мавриди баррасӣ қарор гирифта буд. Ин муҳокимаронихову маҷлисҳои доманадор ба хулосаи нисбии дурусте оварда расонид. Вале бо вуҷуди ин тамоюлҳои бисёр ва ҷараёнҳои гуногуне сар зада, ҳамчунин дар рӯҳия ва пуштибонӣ аз пантуркизм амалҳое содир шуданд, ки фақат манфиати гурӯҳе ё табақаеро таъмин карданду халос. Ин ҷо манзури мо ҳамон сангарбозиҳои сиёсии оғози асри XX ва ҷомеаи навбунёд аст, ки фаъолияти онҳо бо ин ё он ранге имрӯз ҳам ҷилва мекунад. Ва «шаҳд»-и ин тақдирбозиву тақдирсозиҳо дар қисмати хусусан халқи дар мовараи тухматҳои таърихмонда - тоҷикон бараъло чашида мешавад.

Рӯзномаи «Овози тоҷик» нашрияи комитети ҳизбӣ ва комитети иҷроияи Шӯрои вилояти Самарқанд буд. Аз рақами 12 (30-юми ноябри соли 1924) рӯзнома ҳамчун нашрияи Бюрои ташкилии КМ(б) Ӯзбекистон дар Тоҷикистон ва Комитети Инқилобии РАСС Тоҷикистон баромад.

Устод Айнӣ яке аз муассисони рӯзномаи «Овози тоҷик» буда, таъсиси онро бо хушнудӣ истиқбол кард. Дар шумораи аввали ин рӯзнома «Қавми тоҷик ва рӯзнома» ном мақолаи ӯ ба табъ расидааст, ки устод Айнӣ нашри рӯзномаи «Овози тоҷик»-ро дар ҳаёти сиёсӣ, иҷтимоӣ ва мадании халқи тоҷик ҳодисаи фаромӯшнашавандаи таърихӣ номидааст: «Ин рӯзнома мисли номаш, албатта овози тоҷик хоҳад буд. Акнун гуфта мешавад, ки қавми тоҷики Туркистон ҳам забон баровард. Акнун метавонад, ки ҳамаи даркориҳои худро ба рӯзномаи худ нависад. Акнун метавонад, ки аз аҳволи олам бохабар шавад. Акнун метавонад, ки дарди дили худро ба воситаи рӯзномаи худ, ки забони тоҷик аст, ба ҳар кас во намояд».

Шумораи аввалини рӯзнома 25-уми августи соли 1924 (мутобиқ ба 24 муҳаррами соли 1343 ҳиҷрӣ) дар чор саҳифа бо тиражи 2000 нусха аз чоп баромад. Номи рӯзнома «Овози тоҷики камбағал» буд ва он бо хати арабиасоси тоҷикӣ мебаромад. Муҳаррири нахустини он Абдулқаюми Қурбӣ буд.

Рӯзнома аз муроҷиатнома ба камбағалон, батракон ва тамоми меҳнаткашони Тоҷикистон сар мешавад. Дар муроҷиатнома ҳамчунин аҳамияти таърихии нашри рӯзномаи «Овози тоҷики камбағал» ва вазифаҳое, ки дар пеши он истодааст, зикр ёфтааст. Ин муроҷиатномаро аҳли зиёиён, муаллимон, шоирон, нависандагон ва тамоми халқи тоҷик гарм истиқбол гирифта, дар айни замон бо идораи рӯзнома ҳамкорӣ менамуданд.

Аз шумораҳои нахустин «Овози тоҷик» дар баланд бардоштани неруи маънавию фарҳангии халқ саҳм гирифт. Қариб аз нахустин шумораҳо сар карда, маводҳо аз ҳаёти маданиву фарҳангӣ, забону адабиёти тоҷик ва мактабу маориф чоп мешуданд. Ҳамчунин, дар «Овози тоҷик» доир ба масъалаи муайян намудани ҳудудҳои миллӣ бисёр мақолаҳои ҷиддӣ ва ё мубоҳисавӣ дарҷ мегардиданд. Агар дар мақолаи муаллифи номаълум «Дар бораи тақсими ҳудуди миллатҳои Осиёи Вусто» доир ба ҳуқуқи миллии тоҷикон ва ташкили давлати онҳо сухан рафта бошад, дар мақолаи Алӣ Исмоилзода «Боз дар атрофи масъалаи тоҷикӣ» ва ё дар мақолаи дигари муаллифи беном «Дар арафаи мухторияти тоҷикон», «Таъини ҳудуди ҷумҳуриятҳои Туркистон» ва монанди онҳо масъалаҳои дуруст тақсим кардани ҳудуди миллатҳо, аз ҷумла масъалаи ҳуқуқи давлатдории халқи тоҷик дар Осиёи Миёна, дар асоси вазъияту шароит ва далелу бурҳонҳои таърихӣ ва ҷуғрофӣ, хусусиятҳои миллӣ ва дигар ҳуҷҷатҳо ба миён гузошта шудаанд. Нисбатан баъдтар фарзанди фарзонаи миллат, публитсист ва сиёсатшинос (баъдтар муҳаррири рӯзномаи «Овози тоҷик») Муҳаммадҷон Ҳасани Хуҷандӣ дар мақолаи худ «Тақсими ҳудуди миллатҳоро комилан ба ҷо овардан лозим аст» бори дигар яке аз муаммоҳои сарпечи давраи ташаккули ҷумҳурии миллиро дар Осиёи Миёна ба миён гузошта, диққати комиссияро барои ҳалли воҳаҳои тоҷикнишини водии Фарғона, Сурхандарё, Самарқанд, Бухоро ва дигар ноҳияҳо ҷалб менамояд.

**С.АЙНӢ:**

**«ИН РӮЗНОМА МИСЛИ НОМАШ, АЛБАТТА ОВОЗИ ТОҶИК ХОҲАД БУД. АКНУН ГУФТА МЕШАВАД, КИ ҚАВМИ ТОҶИКИ ТУРКИСТОН ҲАМ ЗАБОН БАРОВАРД. АКНУН МЕТАВОНАД, КИ ҲАМАИ ДАРКОРИҲОИ ХУДРО БА РӮЗНОМАИ ХУД НАВИСАД.**

Дар шумораҳои минбаъдаи рӯзнома қайд шудааст, ки ҳалли масъалаи тақсими ҳудуди миллӣ бояд дӯстии байни тамоми халқҳои меҳнатии кишварро мустаҳкам кунад. «Дар бунёди корҳои минбаъдаи ҷумҳуриҳои нав на зиддияти миллӣ, балки интернатсионализми пролетарӣ меистад»,- гуфта мешавад дар мақолаи «Таъини ҳудудҳои ҷумҳуриятҳои Туркистон». («Овози тоҷик, 1924, 4-уми сентябр»). Аммо, ин принсипҳо на ҳамеша татбиқ ва дастгирӣ меёфтанд. Аз ин рӯ, муҳаққиқ С. Табаров дар мақолаи худ «Овози тоҷик» - тарғибгари таърихи халқи тоҷик» барҳақ менависад, ки «... таҷрибаи солҳои нахустини ташаккули республикаҳои миллӣ дар Осиёи Миёна нишон дод, ки дар ҳалли масъалаҳои миллӣ ба беэътиноӣ ва ҳунукназарӣ низ роҳ дода мешуд. Ба сабабҳои гуногун, махсусан, ба воситаи фармонфармоӣ ва ба завқи субъективию волюнтарии пантуркистон ба ҳуқуқи миллии тоҷикон дар ин ё он район иснод оварда мешуд».

Дар саҳифаҳои рӯзномаи «Овози тоҷик» пайдо шудани мақолаҳои эътирозомез ба мисли «Тоҷикон фаромӯш нашаванд», «Ба муносибати районсоз», «Пешаҳои тоҷикӣ лозим», «Зиндагии тоҷикони Ӯзбекистон ва Тоҷикистон», «Тоҷикҳо» (маълумоти таърихӣ ва ҷуғрофӣ), «Боз дар атрофи масъалаи тоҷикӣ», «Барои маорифи тоҷикон», «Аҳолии Хуҷанд ва Ӯротеппа аксар тоҷиканд», «Ҷумҳурияти тоҷикон», «Ҷумҳурияти мухтори Тоҷикистон» ва ғайраҳо дар ҳаллу фасли масъалаҳои печидаи он замон кумак кард.

Аз мутолиа ва мазмуни мақолаҳои фавқулзикр бармеояд, ки чопи онҳо фақат ба хотири зикри факти таърихӣ ва этнографӣ набуда, балки муаллифон чун шахсони ба хастии миллат ҷонсӯз проблемаҳои яклухтро дар назди зимомдорони вақт гузоштаанд. Ҳар яке аз ин мақолаҳо дар лаҳзаҳои тақдирсози миллат ин ё он паҳлуи таърихӣ, фарҳангӣ ва этникии халқи тоҷикро таъкид мекунад, муқимӣ будани ин миллатро бо факту далел исбот менамояд.

Рӯзномаи «Овози тоҷик» дар як муддати кӯтоҳ дар байни халқи тоҷик маҳбубият пайдо кард. Онро дар ҳама ҷо - дар чойхона, қироатхона, кӯча, саройҳо мехонданд, муаллимон ҳамчун китоби дарсӣ истифода мебурданд. Ҳатто берун аз марзи Тоҷикистон, дар Эрону Афғонистон, Озарбойҷон низ рӯзнома хонандаҳо дошт.

«Овози тоҷик» дар як давраи бисёр мураккаб ва печ дар печи таърихӣ нашр мешуд ва як навъ роҳи пешгирифтаи «Шуълаи инқилоб»-ро давом медод. Дар фаҳмиши мо рӯзномаи «Овози тоҷик» шумора то шумора таваҷҷуҳи меҳнаткашонро бедор ва ба худ ҷалб намуда, ҳисси миллии тоҷиконро бедор мекард. Таърихи гузашта, мавҷудияти миллати тоҷик, фарҳанги волои вай, сукунати тоҷикон дар заминҳои аҷдодӣ, ҷуғрофияи онро тарғиб мекард.

Баъдан, рӯзномаи «Овози тоҷик» нашрияи Комитети Марказии фирқаи коммунистии (б) Ӯзбекистон қарор гирифта, назорат ва роҳбарии ҳизбӣ аз болои он табиист, ки қавӣ мегардад. Доираи нигорандагон, публитсистон, нависандагон рӯз то рӯз зиёдтар шуда, ҳамчунин робитаи рӯзнома ба меҳнаткашон пурзӯр мешавад, ки ин амали рӯзнома дар оянда ба тарбияи нависандагон, мухбирон ва кадрҳои тоза мусоидат мекунад.

Рӯзнома ба як нашрияи ташкилотчӣ-ташвиқотчӣ ва инъикоскунандаи тамоми паҳлуҳои ҳаёти тоҷикони Ӯзбекистон табдил ёфта, дар айни замон барои тоҷикони Ӯзбекистон ягона чароғи маърифат, ифшогари розу ниёзи кӯҳнадардони фарҳангӣ мемонад.

**Аъзамҷон АЗИМОВ, профессор**

ҶУДО

# 7 МЕДАЛ ВА ҶОЙИ ЧОРУМИ ПАҲЛАВОНОНИ ТОҶИКИСТОН ДАР DUSHANBE GRAND SLAM 2024

**Аз 3 то 5-уми май дар пойтахти Тоҷикистони мусобиқаи ҷудои Dushanbe Grand Slam 2024 баргузор шуд, ки дар он беш аз 390 варзишгар аз 765 кишвари ҷаҳон ширкат карданд.**

Ҷудокорони тоҷик дар ҳайати 29 мард ва 9 зан ширкат карданд ва 7 медал ба даст оварданд. Дар рӯзи якуми мусобиқа ғолибон ва ҷоизадорон дар панҷ вазн муайян гардиданд. Дар рӯзи аввал ҷудокорони Тоҷикистон Муҳаммадсолеҳ Қувватов (дар вазни -60 кг) медали тилоо, Обид Чебов (дар вазни -66 кг) медали нукра ва Муллораҷаб Халифаев (дар вазни -66 кг) медали биринҷӣ ба даст оварданд.




Дар рӯзи дуюм танҳо Беҳрӯзи Хоҷазода (дар вазни -73 кг) медали нукраи мусобиқаро соҳиб шуд. Дар рӯзи охир Темур Раҳимов (дар вазни +100 кг) медали нукра, Муҳаммадҷон Абдуҷализода (дар вазни -90 кг) медали биринҷӣ ва Ҷаҳонгир Маҷидов (дар вазни -100 кг) медали биринҷии мусобиқаро соҳиб шуданд.

Тоҷикистон бо 7 медал дар ҳайати дастаҳо дар ҷойи чорум қарор гирифт. Зинаи аввалро Суис (Швейсария) бо 2 тилло ва 2 нукра гирифт, Утриш (Австрия) бо 2 тилло ва 1 нукра дуюм, Италиё бо 2 тилло ва 1 биринҷӣ сеюм шуданд.

ФУТЗАЛ

# ТОҶИКИСТОН ДАР ҶАҲОН 34-УМ ВА ДАР ОСИЁ 8-УМ ШУД

**6-уми май FIFA барои аввалин бор дар таърих рейтинги ҷаҳонии дастаҳои мунтахаби футзалро эълон кард.**

Дастаи мунтахаби футзали Тоҷикистон бо 1167,37 хол дар байни 139 кишвари ҷаҳон дар зинаи 34-ум ва дар Осиё дар ҷойи 8-ум қарор дорад. Аз рӯйи натиҷагирии Ҷоми Осиё-2024, ки чанде пеш дар Бангкок ба анҷом расид, дастаи мунтахаби Тоҷикистон таҳти роҳбарии Пайрав Воҳидов ори аввал дар таърихи худ соҳиби роҳхат ба Чемпионати ҷаҳон шуд.

Дар раддабандии FIFA дастаи мунтахаби Бразилия дар ҷои аввал, қаҳрамони феълии ҷаҳон, тими миллии Португалия, аз Испания пеш гузашта, ба зинаи дуюм баромад. Ба панҷгонаи беҳтарин дастаҳои Эрон ва Аргентина низ шомил шуданд.



ФУТЗАЛ

# БОХТИ СЕЮМИ «ҲОСИЛОТ» ВА ПИРӮЗИИ АВВАЛИНИ «ПАНҶШЕР»

**Дар Лигаи олии Чемпионати футболи Тоҷикистон-2024 бозиҳои даври панҷум баргузор шуданд, ки дар панҷ бозӣ соҳибони майдон пирӯз шуданд ва танҳо як бозӣ бо ғалабаи меҳмонон анҷом ёфт.**

Дастаи «Регар-ТадАЗ» 450 дақиқа мешавад, ки ба дарвозааш гол намедиҳад. Дар ин давр футболбозони шаҳри Турсунзода ба дарвозаи «Эсхата» ду голи беҷавоб заданд.

Дастаи "Ҳосилот" дар се бозӣ пайи ҳам шикаст хӯрд, «Истиқлол» ханӯз ягон бозиро нобохтааст мусовӣ ҳам накардааст. Бозии байни ин дастаҳо бо ҳисоби 3:1 бар нафъи душанбегиҳо ба анҷом расид.

Оқибат "Панҷшер" ҳам нахустин пирӯзияшро дар мавсим ба даст овард. Ин даста дар варзишгоҳи Ҳисор «Кӯктош»-ро бо ҳисоби 2:1 мағлуб кард.

"Равшан" дар майдони худ бо ҳисоби 1:0 бар "Истаравшан" пирӯз шуд. «Хуҷанд» дар сафар пирӯзии дуюми худро дар мавсим ба даст овард. «Баркчӣ» аз ин даста бо ҳисоби 0:1 шикаст хӯрд. Силсилаи бозиҳои бебохти Клуби марказии варзиши артиш ханӯз давом дорад. КМВА дар ин даври бо ҳисоби 1:0 «Вахш»-ро мағлуб кард.

Дар ҷадвали мусобиқот холо ҳам дастаи "Истиқлол"-и Душанбе, ки аз оғози мавсим панҷ пирӯзӣ ба даст овардааст, пешсаф аст. КМВА бо 13 хол дар зинаи дуюм ҷойгир аст. Зинаи сеюмро «Регар-ТадАЗ»-и Турсунзода бо 11 имтиёз худ кардааст.



| ДАВРИ V | Б | И |
|---|---|---|
| ИСТИҚЛОЛ | 5 | 15 |
| КМВА | 5 | 13 |
| РЕГАР-ТАДАЗ | 5 | 11 |
| РАВШАН | 5 | 9 |
| ХУҶАНД | 5 | 7 |
| ҲОСИЛОТ | 5 | 6 |
| БАРҚЧӢ | 5 | 5 |
| ИСТАРАВШАН | 5 | 4 |
| ЭСХАТА | 5 | 4 |
| КУКТОШ | 5 | 4 |
| ВАХШ | 5 | 3 |
| ПАНҶШЕР | 5 | 3 |



## РЕЗААХБОР

**5 ҷудокори тоҷик дар мусобиқаи Qazaqstan Barysy Grand Slam 2024 иштирок мекунанд.**

Пас аз мусобиқаи Dushanbe Grand Slam 2024 истгоҳи навбатии мусобиқаҳои сайри ҷаҳонии ҷудо ин Qazaqstan Barysy Grand Slam 2024 мебошад. Мусобиқаи мазкур аз 10-ум то 12-уми май дар шаҳри Остонаи Қазоқистон доир мегардад.

478 ҷудокор аз 88 кишвари 5 қитъаи олам баҳри иштирок дар мусобиқаи номбурда номнавис шудаанд. Аз ин шумора 260 мард ва 217 бону мебошанд, ки аз рӯи 14 вазн баҳри имтиёзҳои олимпӣ рақобатҳоро доир мекунанд.

Тоҷикистонро тибқи итттилои сомонаи IJF панҷ ҷудокор – Муҳаммадсолеҳ Қувватов (-60 кг), Комроншоҳ Устопириён (-90 кг), Шодмон Ризоев (-90 кг), Ҷаҳонгир Маҷидов (-100 кг) ва Темур Раҳимов (+100 кг) муаррифӣ мекунанд.

***

Дастаи наврасони футболбози Тоҷикистон (U-16) дар доираи омодагӣ ба марҳилаи интихобии Ҷоми Осиё-2025 бо ҳамсолони худ аз Аморати Муттаҳидаи Араб ду бозии дӯстона анҷом медиҳад. Вохӯриҳо рӯзҳои 22 ва 24-уми май дар Дубай баргузор мешаванд.

***

Ҷоми футболи Осиё-2024 миёни дастаҳои то 23-сола дар Қатар ба анҷом расид. Дастаҳои мунтахаби Ӯзбекистон ва Ҷопон бо ғалаба бар Индонезия ва Ироқ ба финал роҳ ёфтанд. Дар бозии ниҳоӣ Ҷопон бо ҳисоби 1:0 пирӯз шуд. Ҳарду даста ва дастаи сеюм, ки Ироқ аст, роҳхати Бозиҳои олимпии Париж 2024-ро соҳиб шуданд. Аз Осиё Индонезия барои роҳхати дигар бо як дастаи африкоӣ бояд бозӣ кунад.



***

Дар Лигаи якуми футболи Тоҷикистон вохӯриҳои се даври аввал баргузор шуданд, ки дар натиҷа дастаи «Хулбук» бо 9 имтиёз дар зинаи аввал аст. Дастаҳои «Сомон» ва «Саройкамар» 7-имтиёзӣ доранд, «Парвоз» 6 имтиёз дорад. Дар ин лига 13 даста барои ба Лигаи олӣ роҳ ёфтан мубориза мебаранд.

# ҲУШДОРИ ВКХ

## Ба сафари Қазоқистон омодагӣ бинед!

**Вазорати корҳои хориҷии Тоҷикистон ба шаҳрвандони кишвар тавсия медиҳад, ки барои сафар ба Қазоқистон бодиққат омодагӣ бинанд.**



ВКХ хабар дод, ки ба далели ҷорӣ шудани чораҳои пурзӯри амниятӣ дар фурудгоҳҳои байналмилалии Қазоқистон, шаҳрвандони Тоҷикистон бояд пеш аз сафар ба Қазоқистон тамоми ҳуҷҷатҳои заруриро бо худ дошта бошанд.

“Дар ҳолати санҷиши назорати сарҳадӣ ва гумрукӣ ҳангоми ворид шудан ба Қазоқистон, шаҳрвандони Тоҷикистон бояд омода бошанд ба саволҳои марбут ба ҳадаф ва вақти сафар, ҷои истиқомат, ҳузури дӯстон ё хешовандон дар Қазоқистон, агар зарур аст, суроғаи истиқомати онҳо ва телефонҳои тамоси онҳо посух диҳанд”,- гуфта мешавад дар изҳорот.

Дар мавриди пеш омадани ягон мушкилӣ шаҳрвандони Тоҷикистон метавонанд ба Сафорати Тоҷикистон дар Қазоқистон **(тел: +77761760043 - WhatsApp, tajembastana@mfa.tj)** ё Консулгарии генералии кишвар дар Алмаато **(тел: +77775883115 - WhatsApp, tajconsalmaty@mfa.tj)** муроҷиат кунанд.

# МУЛОҚОТИ РАҲИМЗОДА БО СХЕРМЕРС

**Рамазон Раҳимзода, вазири корҳои дохилии Тоҷикистон бо Николаас Якоб Схермерс, сафири мухтори Шоҳигарии Нидерланд дар Тоҷикистон истирдоди шахсони дар ҷустуҷӯ қарордоштаро баррасӣ кард.**

Дафтари матбуоти ВКД хабар медиҳад, ки ин мулоқот 1-уми май баргузор шуда, дар рафти он ҳамчунин тақвияти ҳамкориҳо дар самти пешгирӣ ва муборизаи босамар бар зидди терроризм, ифротгароӣ, ҷиноятҳои муташаккили фаромиллӣ, қочоқи воситаҳои нашъадор, мубодилаи иттилоот ва мусоидат ба таҳкими сулҳу субот дар Афғонистон муҳокима гардидааст.

Ҳамчунин, доир ба ҳолати кунунии дурнамои вазъи минтақа, ҷаҳон ва дигар масоили мубрами рӯз табодули афкор сурат гирифтааст.

“Дар рафти вохӯрӣ масъалаи муҳим - дастгир намудан ва ба Тоҷикистон истирдод намудани шахсони дар ҷустуҷӯ қарордошта баррасӣ гардид”,- таъкид мешавад дар хабар.



*Вокуниш-622*

# 22 КАСРО КУШТ, СӮХТ ВА АВФ ШУД

## "Тоҷикистон”, №11, 13-уми марти соли 2024

**Ба маълумоти шумо мерасонем, ки мақолае, ки дар рӯзномаи "Тоҷикистон” аз 13-уми марти соли 2024, № 11, таҳти сарлавҳаи "22 касро кушт, сӯхт ва авф шуд" ба нашр расидааст, мавриди омӯзиш қарор дода шуд.**

Муайян гардид, ки бо ҳукми Суди вилояти Хатлон аз 23-юми феврали соли 2024 Солеҳов Юсуф Холмуродович бо моддаҳои 104, бандҳои "а, г, е, ж, з" (одамкушӣ бо мақсади ғаразнок, сангдилии махсус, мақсади пинҳон кардани дигар ҷиноят, дидаю дониста қасдан куштани зани ҳомиладор, қасдан ду ё чандин касро куштан), 15, қисми 2-104, бандҳои "а, г, е, з" (сӯиқасди одамкушӣ бо мақсади ғаразнок, сангдилии махсус, бо мақсади пинҳон кардани дигар ҷиноят, қасдан ду ё чандин касро куштан), 156, қисми 3 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон (таҳрири соли 1961) (ҳуҷум кардан бо мақсади тасарруф намудани молу мулки шахсии шаҳрвандон бо кор фармудани зӯроварии барои ҳаёт ва тандурустии шахси ҷабрдида хавфнок, роҳзанӣ аз ҷониби гурӯҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ, бо даромадан ба истиқоматгоҳ ва ба шахси ҷабрдида расонидани зарари вазнини ҷисмонӣ ва моддаи 255, қисми 2, бандҳои "а, б, в" (қасдан несту нобуд кардани молу мулки ғайр бо роҳи оташ задан, таркиш ё дигар усули хавфи умумидошта, ки аз беэҳтиётӣ боиси марги инсон ё дигар оқибатҳои вазнин гардида, ба ҷабрдида ба миқдори калон зарар расонида шудааст) Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (таҳрири соли 1998) гунаҳгор дониста, ба ӯ аз рӯи маҷмӯи ҷиноятҳо ҷазои ниҳоӣ маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати 12 (дувоздаҳ) сол бо адои ҷазо дар муассисаҳои ислоҳии дорои низоми пурзӯр таъин карда шудааст.

Бо татбиқи банди 7, зербанди “в” қарори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи авфи умумӣ" аз 13-уми ноябри соли 1998, №706 сеяки муҳлати ҷазои адонагардидаи Солеҳов Ю. Х. кам карда шудааст.

Солеҳов Ю. Х. барои он гунаҳкор дониста маҳкум карда шуда буд, ки ӯ 14-уми октябри соли 1992 бо гурӯҳи силоҳбадастон дар ҳайати зиёда аз ҳашт нафар ба деҳаи Сарбанди ҷамоати деҳоти Кизил-Қалъаи ноҳияи Хуросон (собиқ Ғозималик) рафта, ба ҳавлии истиқоматии шаҳрванд Абдуллоев Ҳ. даромада, бо сангдилии махсус ӯ ва аҳли оила ва хешовандони наздикаш, дар маҷмӯъ 22 нафарро бо истифода аз яроқи оташфишони тамғаи Калашников парронда, ба ҳалокат расонидаанд.

Сипас, Солеҳов Ю. Х. ва ҳаммаслаконаш бо мақсади пинҳон кардани ҷиноятҳои дар боло қайдгардида, ба болои ҷасадҳо сӯзишвории бензин пошида, оташ задаанд, ки дар натиҷа ҷасадҳо, манзили истиқоматӣ ва молу мулки дар ин хонаҳо ҷойдошта сӯхта нобуд шудаанд.

Баъдан Солеҳов Ю. Х. ва ҳамроҳонаш автомашинаҳои сабукрави тамғаҳои "Ваз-21011" ва "Ваз-21013"-и ба Абдуллоевҳо тааллуқдоштаро тасарруф намуда, аз ҷойи ҳодиса ғайб задаанд.

Дар мақола ҷазои ба Юсуф Солеҳов таъингардида аз ҷиҳати сабукӣ ошкоро ноодилона шуморида шуда, қайд гардидааст, ки ба куштори 22 узви як оила ва оташ задани ҷасади онҳо мувофиқат намекунад.

Бояд қайд намуд, ки бо таъиноти коллегияи судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятии Суди Олӣ аз 9-уми апрели соли 2024 ҳукми суд нисбати Солеҳов Ю. Х. бинобар ошкоро сабук будани ҷазои ба ӯ таъиншуда бекор карда, парвандаи ҷиноятӣ барои баррасии нави судӣ ирсол карда шудааст.

**У. ШӮҲРАТЗОДА,**
**судяи Суди Олии ҶТ**



**Ба ШВКД-и шаҳри Ҳисор зани 26-сола муроҷиат кардааст, ки 30-юми апрел 5 лӯлизан бо мақсади обнӯшӣ ба хонаи истиқоматиаш даромада, ӯро ғорат кардаанд.**

Гуфта мешавад, ки онҳо 200 доллари амрикоӣ, 1000 сомонӣ ва ҷавоҳироти гуногуни тиллоиро, ки арзиши умумиашон 31 ҳазору 200 сомониро ташкил медиҳад, дуздида, аз ҷойи ҳодиса ғайб задаанд. Зарари расонидашуда 34 ҳазору 400 сомониро ташкил медиҳад. Гумонбарон феълан боздошт шудаанд.



**28-уми апрел бозии футбол байни ду дастаи лигаи ҳаваскорони шаҳри Маскав бо занозанӣ анҷом ёфт ва дар пайи он 8 футболбози зодаи Тоҷикистонро дастгир кардаанд. Дар ин бора Телеграм-канали “База” хабар медиҳад.**

Гуфта мешавад, ки дар ҷараёни бозӣ дар як лаҳзаи баҳсбарангез довар тӯбро ба дастаи “ЮЗАО” дод ва бозигари “Хоса” Сураҷ Сафарбекови тоҷик эътироз кардааст. Баъди бозӣ миёни бозигарон ва мухлисон ҷанҷол сар задааст. Ҳоло ин қазия таҳқиқ мешавад.



**Дар Ҳисор зани 36-соларо 14-уми апрел, тахминан соати 19:30 шахсони номаълум бо таҳдиду зӯроварӣ ба оромгоҳи деҳаи Уртабуз бурда, мавриди латукӯб қарор додаанд.**

Ҳамчунин, аз дохили ҷузвдонаш 2 ҳазору 500 сомонӣ ва 1 адад телефони мобилии тамғаи «Редми-1»-ро ошкоро тасарруф намуда, аз ҷойи ҳодиса ғайб задаанд. ШВКД дар робита ба ин қазия марди 27-сола, ҷавони 20-сола ва ноболиғи 17-солаи сокинони шаҳри Ҳисорро боздошт кардааст.

# КАМХУНӢ

## Чӣ тавр бо себу хуч онро табобат кунем?



*Фарзандам чанд сол боз ба бемории камхунӣ гирифтор аст. Камҳаракат ва камқувват аст. Чанд бор аз бемадорӣ дар донишгоҳ сараш чарх зада афтодааст. Доруҳои зиёд ба саломатӣ зарар дорад. Шояд табибони халқӣ роҳҳои табобати халқии камхуниро медонанд.*

**СОҶИДА, аз шаҳри Турсунзода**

**Посухи табиби мардумӣ Садриддиншоҳ Ҷалолӣ:**

- Хоҳари азиз, айни замон ман чанд давои оддиро тавсия медиҳам, ки камхуниро бартараф менамоянд, вале фарзанди шуморо зарур аст, ки сарчашмаи бемориашро аниқ намояд, зеро камхунӣ паёмади ягон касалии дигар буда метавонад. Сарчашмаи касалиро ёфтаву табобат накунед, беморӣ баъди чанд вақт метавонад аз нав хуруҷ намояд. Инак, чанд нусха ҷиҳати табобати камхунӣ.

**АВВАЛ.** Ним килограмм себ, ним кило лаблабуи сурх ва ҳамин миқдор сабзиро аз мошинаи меваҷабак гузаронида, ба шарбати ҳосилшуда як пиёла асалро илова намоед. Шарбатро нағзакак якҷоя карда, рӯзе 3 маротиба 20 дақиқа пеш аз хӯрок яккошукӣ нӯши ҷон намудан лозим. Мо инро дар таҷриба санҷида, боварӣ ҳосил намудем, ки дар бадали як моҳ камхуниро пурра бартараф менамояд.

**ДУЮМ.** Як пиёла ҷавро нағзакак шуста, дар якуним литр об муддати 10-15 дақиқа биҷӯшонанд ва бо каме асал ширин карда, рӯзе 2-3 маротиба якпиёлагӣ бинӯшанд, камхуниро даво мебахшад.

Сеюм. Настаран (хуч) барои касоне, ки ба камхунӣ мубтало гаштаанд, беҳтарин давост. Одам ҳар бегоҳ 3 кошуқ хуҷро дар термос андохта, аз болояш ним литр оби ҷӯшомада резаду рӯзона кам-кам ин обро бинӯшад, худро бардам эҳсос хоҳад кард.

# ГУРДАДАРДЕД?

## Чойкаҳак ва пӯпаки ҷуворӣ давои шумост!

*47-сола, сокини шаҳри Душанбе ҳастам. Чанд сол боз аз бемории пиелонефрит азият мекашам. Бо саршавии фасли баҳор бемориам аз нав авҷ гирифтааст ва гурдаҳоям дард карда меистанд. Ростӣ, аз гирифтани сӯзандрӯ ва хӯрдани ҳабҳои гуногун ба ҷон расидаам. Мегӯянд, ки дарди гурдаро бо алаф ва гиёҳҳо низ табобат кардан имкон дорад. Шумо ба ман чӣ тавсия медиҳед?*

**ГУЛНИГОР, сокини Душанбе**

**Посухи табиби мардумӣ Садриддиншоҳ Ҷалолӣ:**

- Илтиҳоби гурда бар асари гузаштани микробҳо аз узвҳои ҳампаҳлу, хоса аз рӯда ба гурдаҳо сар мезанад. Микробҳо дар гурда таҳшин мешаванд ва дар чое, ки микроб ҷой мегирад, газак ба вуҷуд меояд. Илтиҳоб, яъне пиелонефритро сари вақт табобат накунанд, беморӣ кӯҳна шуда, метавонад касро ба оқибатҳои ногувор, аз ҷумла ба норасоии гурда мубтало созад. Якчанд гиёҳҳое мавҷуданд, ки иллатҳои гурдаро даво мебахшанд. Аз ҷумла, гиёҳи ҳамешабаҳор (календула), чойкаҳак (зверабой), мармарак (шалфей), риш ё пӯпаки ҷуворӣ, раҳдавак, тухми зағир, чағчағ барои гурда доруи бебаҳоянд. Дусе номгӯйи ин гиёҳҳоро аз дорухонаҳо дастрас намуда, дар ним литр оби ҷӯшомада дам партоеду баъдан аз дока полонда, ҳар рӯз се маротиба пеш аз хӯрок тақрибан 50-граммӣ бинӯшед, газаки гурдаро даво мебахшад.



МАСЛИҲАТ

# ЛАБЛАБУ ДАВОИ ДАРДИ ГУРДА ВА БУҒУМ

**Лаблабу ду навъ аст:**

а) лаблабуи сурхи ширин; б) лаблабуи сафеди зардтоб, ки ширинии он камтар назар ба навъи сурхи он мебошад. Барои даво беҳтаринаш навъи сафеди он аст.

Лаблабу поккунандаи узвҳо, таҳлилдиҳандаи моддаҳои ғафси бадан, кушояндаи гиреҳҳо, парокандакунандаи балғам, сард ва муътадилкунандаи ҳарорат аст. Агар худашро бихӯранд, дарунро мебанданд, ғизояташ кам, боднок аст. Беҳтарин қисми он оби баргаш мебошад, бандҳои барги он беҳтар аз қисми заминиаш мебошад.

Агар лаблабуро бо сирко ва хардал (горчица) бихӯранд, гиреҳи сипурзро мекушояд ва варами ин узвро таҳлил медиҳад; барои дарди гурда, хичак ва бемориҳои мақъад дору мешавад.

Оби баргашро бо талхшувоқ биёшоманд, балғамро аз бадан хориҷ мекунад, инчунин дардҳои буғумро ва никрис (подагра)-ро ба меъёр меоварад.

Баргашро дар об ҷӯшонида, дар он об вақти нимгарм шудан батакрор дасту пойҳоро андозанд, аз сармо кафидани узвҳоро шифо мебахшад. Баргашро пухта, баъди хунук шуданаш бимоланд, сӯхтагии оташ ва аз оби сӯзон сӯхта ва инчунин сурхбодро шифо мебахшад.

Барги хоми онро кӯфта банданд, доғи сафеди пӯстро дафъ мекунад, ба ҷойҳои гирдак-гирдак мӯйрехтаи сар ва риш банданд, мӯй мерӯёнад, инчунин дарди буғумҳоро таскин медиҳад.



## Толеънома



**Ҳамал**
**21.03 - 20.04**

Тамоми ҳафта бурдборӣ насибатон мегардад, вақте расидааст, ки орзуҳои наҷибатонро амалӣ гардонед. Дар ин рӯзҳо дӯстро аз душман фарқ мекунед. Кӯшиш намоед, ки аз тамоми кору нақшаҳои фарзандон огоҳ бошед.



**Савр**
**21.04 - 21.05**

Бо вуҷуди серташвиш ва печида будани вазъият рӯҳафтода нашавед, "поёни шаби сиёҳ сафед аст" гуфтаанд. Дар лаҳзаҳои душвортарини зиндагӣ аз нафаре кумак мегиред, ки ҳеҷ интизор набудед. Барои ҳақи худро соҳиб шудан каме истодагарӣ кунед.



**Ҷавзо**
**22.05 - 21.06**

Шумо набояд дар баҳодиҳии шарикони корӣ назари манфӣ дошта бошед, вагарна илтифоти онҳоро аз даст медиҳед ва ба мақсад расидаатон душвор мегардад. Дар ҳама кор хӯрдагирӣ накунед, барои мустаҳкам сохтани хотира кӯшиш ба харҷ диҳед.



**Саратон**
**22.06 - 23.07**

Дар ин ҳафта нисбати атрофиён нобовариву шубҳаатон зиёд мегардад. Нафаре дучори рӯҳафтодагӣ мегардаду баъзеҳо тамоман гирифтори изтироби шадид мешаванд. Касеро дар мушкилоти худ гунаҳкор насозед, дар дунё касе бегуноҳ намешавад.



**Асад**
**23.07 - 22.08**

Шуморо гуфтушунидҳои муваффақ ва ҳамкориҳои умедбахш интизоранд. Аз тағйирот натарсед, он танҳо боиси беҳбудии кору зиндагии шумо мегардад. Хабари хуш ва сюрпризҳо зиёд мешаванд. Барои беҳтар сохтани вазъи саломатӣ бояд бештар истироҳат намоед.



**Сунбула**
**23.08 - 22.09**

Шумо аз ягон мушкилӣ натарсед. Вақте мавқеи худро дар коллективи нав устувор кардан мехоҳед, ҳақиқат ва самимиятро фаромӯш насозед. Нафарони ошиқ ба ёди муҳаббати аз даст додаи худ ранҷ мекашанд. Дар масъалаҳои пулӣ баъзе камбудиҳо сар мезананд.



**Мизон**
**25.09 - 22.10**

Аз пайи рафъ намудани мушкилоте шуданатон лозим аст, ки садди роҳи пешравиҳоятон мегарданд. Ҷасорат пайдо намуда, барои сари корҳои муҳим омадан масъулиятро эҳсос мекунед. Дар муносибатҳоятон бо атрофиён тағйироти мусбат рух медиҳад.



**Ақраб**
**23.10 - 22.11**

Агар ба қувваву имкониятҳои худ бовар дошта бошед, бо кумаки дӯстону шарикони корӣ ба мақсад мерасед. Аз баъзе ҳолатҳои ногаҳонӣ ба хубӣ мебароеду душвориҳоро паси сар месозед. Аз ошиқ будани худ оламу одамро хабар накунед.



**Қавс**
**25.11 - 21.12**

Ба ғалату камбудиҳои пешинаи худ роҳ надиҳед. Сафарҳои аҷибу судманд имкон доранд. Эҳтимол бо нафароне вомехӯред, ки кайҳо боз якдигарро надида будед. Нисбати дӯстдоштаатон меҳру муҳаббати беандозаро эҳсос мекунед. Пули калон сарф карданро тавсия намедиҳем.



**Ҷаддӣ**
**22.12 - 20.11**

Зимни робита бо нафароне, ки хуб намешиносед, боэҳтиёт бошед. Ба садои қалб гӯш андозед. Бо атрофиён шӯхиҳои бемаънӣ накунед ва одати фармонфармоӣ карданро партоед. Нафарони ошиқ сирру асрори дӯстдоштаи худро фош кардан мехоҳанд.



**Далв**
**21.01 - 19.02**

Аз уҳдаи ҳама кор ба осонӣ мебароед. Дар ҳама кор аввал санҷида, баъд амал кунед. Муошират бо нафаре, ки дӯсташ медоред, хеле душвор сурат мегирад, шумо бояд ботаҳаммул бошед. Бо либоси тунук дар ҳавои салқин гаштанатон боиси шамол хӯрдан мегардад.



**Ҳут**
**20.02 - 20.03**

Баъзе нақшаҳоятон амалӣ намешаванд, хусусан агар бо корҳои дигарон алоқаманд бошанд. Ҳамкориҳо чандон натиҷаи хуб намедиҳанд. Бо касе мунокиша накунед, вагарна оштӣ шуданатон амри маҳол мегардад. Дар ҷодаи муҳаббат ногуфтаҳо зиёданд.

# АЗ БАЛҶУВОН ТО ПРАГА

## Роҳи ибратомӯзи Қурбон Зарифов



**Роҳи тайкардаи Қурбон Зарифов басе ноҳамвор, пур аз шебу фароз буд. Он аз деҳаи Эгузаки ноҳияи Балҷувон оғоз гардида, то Прагаю Манҷурия тӯл мекашад...**

Қурбон Зарифов 6-уми майи соли 1924 дар деҳаи Эгузаки ноҳияи Балчувон, дар оилаи деҳқон ба дунё меояд. Рехтани араки чабин дар киштзор, шабҳои тӯлонӣ китобу қалам зери лампаи ларзон ҷисму рӯҳи ӯро қавӣ месохтанд. Аммо ҳаёти осоишта зиёд давом намекунад. Хабари Ҷанги Бузурги Ватанӣ тифлони он замонро ба курраи оташ меафканад. Қурбон аз ҷумла истисно набуд. Ӯ, хонандаи синфи ҳафт, соли 1942 ба артиши Шӯравӣ даъват мешавад. Ҷабҳаҳои Воронеж, якум ва дуюм ва Украина, амалиётҳои ҷангӣ алайҳи Японияи миллитаристӣ ва Манчурия майдонҳои ҳарбу зарби ӯ буданд.

Оташи ҷанг навраси ҳанӯз лаззати ширинии наврасию ҷавонӣ ночашидаро марди баркамол месозад. Аскари қаторӣ баъди ғалаба бар фашизм дар тан либоси афсарӣ - капитан ба ватан бармегардад.

Акнун ҳар иди Ғалаба сари синаи ӯро медалҳои "Барои ҷасорат" (1944-1946), "Барои ғалаба бар Германия", "Барои гирифтани Берлин", "Барои озод кардани Прага" ороиш медоданд.

Аммо дар ватан ҷабҳаи дигар вайро интизор буд: ҷанг бо бесаводӣ, мубориза барои баркарор кардани маориф, хоҷагии халқ. Аммо барои он ӯро лозим омад аввал худ биомӯзад, сатҳи донишашро баланд бардорад. Қурбон Зарифов дар мактаби ҳизбии назди КМ ҲК Тоҷикистон ва баъдан дар Мактаби Олии Ҳизбии назди КМ КПСС таҳсил ва онро дар соли 1965 хатм мекунад. Ӯ ҳамчун муаллим, сардори шуъбаи ташвикот ва тарғиботи Ҳизби коммунисти ноҳия, роҳбари муассисаҳои таълимӣ ва раиси колхоз фаъолият намуда, саҳми назаррасро дар соҳаи маориф ва хоҷагии деҳқонии ноҳия ва минтақаи Кӯлоб гузоштааст.

Як ҳамрадифи ӯ - Давлат Назаров, ки солҳои зиёд бо Қурбон Зарифов кор кардааст, чунин мегӯяд: “Қурбон Зарифовро шахси боадаб, бофазилат, маорифпарвар мешиносам. Ӯ садоқат ба Ватанро дар ҷойи аввал мегузошт, бечоранолиро дӯст намедошт. Дар ҳаёти иҷтимоии ҷомеа фаъол, дар рушди маҳал саҳмгузор буд. Фаъолияти ӯ дар доираи як маҳал маҳдуд намешуд, ҳаёти фарҳангӣ, рушди маориф ва санъати минтақаро фаро мегирифт. Тарбияи ҷавонон яке аз самтҳои кори ӯ буд. Роҳбарии лоиҳаҳои гуногуни таълимиро, ки ба баланд бардоштани сатҳи фарҳангӣ ва маърифати ҷавонон нигаронида шуда буданд, ба уҳда дошт. Ӯ дар мактабҳо ва анҷуманҳо ҷавононро таъкид мекард,



„ЗА ПОБЕДУ НАД ГЕРМАНИЕЙ
В ВЕЛИКОЙ ОТЕЧЕСТВЕННОЙ ВОЙНЕ
1941—1945 гг.“

УДОСТОВЕРЕНИЕ
ЗА УЧАСТИЕ В ВЕЛИКОЙ ОТЕЧЕСТВЕННОЙ ВОЙНЕ
УКАЗОМ ПРЕЗИДИУМА ВЕРХОВНОГО СОВЕТА СССР от 9 мая 1945 года
НАГРАЖДЕН МЕДАЛЬЮ
„ЗА ПОБЕДУ НАД ГЕРМАНИЕЙ В ВЕЛИКОЙ ОТЕЧЕСТВЕННОЙ ВОЙНЕ 1941—1945 гг.“
От имени ПРЕЗИДИУМА ВЕРХОВНОГО СОВЕТА СССР МЕДАЛЬ ВРУЧЕНА
194 г.
(должность, воинское звание и подпись лица, вручившего медаль)
М. П.

ки дар таҳсил, худидоракунӣ, дар корҳои ҷамъиятӣ фаъол бошанд”.

Таҷриба ва дониши Қурбон Зарифов барои бисёре аз ҷавонон ибратомӯз буд. Маслиҳатҳо ва тавсияҳои ӯ ба бисёриҳо ҷиҳати соҳиб шудан ба муваффақиятҳо кумак кардаанд. Вай на танҳо



8. Место рождения и постоянного жительства. Домашний адрес, фамилия, имя и отчество жены или родителей
9. Группа крови по Янскому
Примечание. Общие сведения записываются в штабе части. Сведения о групповой принадлежности крови вносятся санитарной частью.
4

II. Прохождение службы

| Часть, подразделение, занимаемая должность и звание | Месяц и число | Год и № приказа | Расписка командира роты |
| --- | --- | --- | --- |

5

дониш меомӯзонд, балки ба дастёбии мақсадҳои бузург илҳом мебахшид, аҳамияти саъю кӯшиш, диёнат ва масъулиятро таъкид мекард.

Қурбон Зарифов падари даҳ фарзанд буд, ки онҳоро бо рӯҳияи меҳнатдӯстӣ ва ватандӯстӣ тарбия кардааст. Таъсири тарбияи ӯ дар зиндагии онҳо ба таври назаррас боқӣ мондааст, хусусан дар ҳаёти писари калониаш Ҳамрохон, ки аз солҳои 2006 то 2013 вазири корҳои хориҷии Тоҷикистон буд.

Ҳамрохон Зарифӣ аз падар ёдовар шуда, ӯро чунин ба тасвир меорад: “Дар Омӯзишгоҳи омӯзгории шаҳри Кӯлоб таҳсил мекардам. Моҳи ноябр тасмим гирифтам, ки волидайнамро зиёрат кунам. Ба автовокзал рафтам, роҳпулии таксии боркаш (он замон мошинҳои боркаши болопӯшдор нақши автобусро иҷро мекарданд) то Фархор як рубл аст, вале ман танҳо 75 тин доштам. Ронанда ба савор шудан монеъ шуд. Таваккал кардаму пиёда ба роҳ баромадам. Хастагӣ бо гуруснагию ташнагӣ даромехта буд. Баъд аз зуҳр ба нуқтаи сарҳадии ноҳия расидам. Фархор дар ҳамсарҳадии Афғонистон аст ва он замон сарҳадбонон ба ҷуз сокинони маҳал дигаронро бе иҷозатнома ворид шудан намегузоштанд. Пас аз пурсупос сарҳадбон ба ман иҷозати ворид шудан дод. Ногоҳ назарам ба мошини боркаше афтод, ки гумон кардам Фархор меравад. Ба он наздик шудам. Дар кабина падар нишаста буданд. Ба падарам фаҳмонидам, ки хона равон ҳастам. Падар даст ба ҷайб бурд ва хост пул диҳад. “Дорам” гуфтам. Падарам ба Душанбе сафари хизматӣ дошт. Тақрибан нисфи шаб ба Фархор расидам ва ба ҳавлӣ даромадам. Модарам сабаби ин қадар дер омаданамро пурсид. Ба хотири он ки ба ташвиш наафтад, “дар роҳ мошин шикаст, барои ҳамин дер шуд” гуфтам.

Ин сафар тасдиқи таълимот ва арзишҳои падарам буд, ки ба мо ҳамеша таъкид мекард: “Дар ҳаёт мустақил ва қавӣ бошед ва ҳеҷ гоҳ аз касе чизе талаб накунед, барои расидан ба ҳадафҳо ва ғолиб омадан бар мушкилот мубориза баред”.

Баъдан дар зиндагӣ ба мушкилоти зиёд рӯ ба рӯ омадам. Вале ҳамеша мушкилоти давраи ҷавониро пеши назар меовардам, худро қавӣ мегирифтам. Ин ҳама машаққатҳое, ки падар ва мо - фарзандони ӯ кашида будем дар зиндагӣ, бароям дарсе буданд, ки ҳаросон шудан намегузоштанд”.

Қурбон Зарифов нақши муҳимро дар шаклгирии шахсияти фарзандонаш бозидааст, ба онҳо сифатҳое чун ирода, қатъият, мустақилият ва қобилияти мубориза бо мушкилотро пайваста омӯхтааст. Ҳар он чизе, ки фарзандонаш дар зиндагӣ ва кор ба даст овардаанд, ба падар, тарбияи ӯ, одобу анъанаҳо, сабки ҳаёт, муносибат ба некӣ ва бадӣ мансубанд. Таловат, сахтгирӣ ва фидокории ӯ дар роҳи адолат бо ҳама писанд набуд. Аммо ин роҳе буд, ки ӯ интихоб карда ва ба фарзандон таълим дода буд.

Қурбон Зарифов шахсияте буд, ки ба арзишҳои ватанпарастӣ, меҳнатдӯстӣ ва таълиму тарбия аҳамияти калон медод. Ӯ ҳамчун падар, муаллим ва роҳбар дар замони худ мавқеи эътирофшуда дошт. Қурбон Зарифов бо истифода аз таҷрибаи худ дар ҳаёт ба хидмати ҳарбӣ, ба фарзандонаш дарсҳои пурқиммати зиндагиро омӯхт.

Қурбон Зарифов моҳи декабри соли 1978 дар садамаи мошин дар Фархор дар синни 49-солагӣ даргузашт. Агар умр вафо мекард, дар ин рӯзҳои ғалаба иштирокчии ҷанги Бузурги Ватанӣ, ветерани меҳнат, капитан Қурбон Зарифов ба синни 100 мерасид...

**О. СОҲИБЗОДА**

## МАВЛУДНОМА

**• 9 МАЙ •**

**Муаззама Мироқилова** (1934), 90-солагии зодрӯзи доктори илми тиб, профессор.

**Мирбобои Мирраҳим** (1954), 70-солагии зодрӯзи файласуф.

**Маъруфи Ҳисом** (1954), 70-солагии зодрӯзи журналист.

**Ғанӣ Ҷӯразода** (1939), 85-солагии зодрӯзи шоир, Корманди шоистаи маданияти Тоҷикистон.

**• 10 МАЙ •**

**Умар Асалов** (1954), 70-солагии зодрӯзи журналист.

**Давлатбеки Қандил** (1949), 75-солагии зодрӯзи журналист.

**Абдулло Муъминов** (1949), 75-солагии зодрӯзи доктори илми байторӣ.

**Муродалӣ Нуралиев** (1954), 70-солагии зодрӯзи сароянда, Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон.

**Маҳбуба Шамсиева** (1939-1999), 85-солагии зодрӯзи забоншинос.

**Назриддин Шонасриддинов** (1949), 75-солагии зодрӯзи олими соҳаи ҳуқуқ.

**Ҳалим Юсуфов** (1949), 65-солагии зодрӯзи олими соҳаи педагогика.

**Нуралӣ Мирзоалиев** (1959), 65-солагии зодрӯзи арбоби фарҳангӣ.

**• 11 МАЙ •**

**Кароматуллои Аҳмад** (1949), 75-солагии зодрӯзи журналист.

**Юлий Дягтярев** (1929), 95-солагии зодрӯзи доктори илми тиб, профессор.

**Шарофиддин Комилов** (1939), 85-солагии зодрӯзи олими соҳаи иқтисод.

**Валентин Морозов** (1929), 95-солагии зодрӯзи журналист, Корманди шоистаи маданияти Тоҷикистон.

**Тӯҳфамоҳ Низомова** (1949), 75-солагии зодрӯзи доктори илми иқтисод, профессор.

**Галина Стешенко** (1949), 75-солагии зодрӯзи журналист.

**• 12 МАЙ •**

**Рустам Алиев** (1949), 75-солагии зодрӯзи олими соҳаи физика.

**Александр Мешеряков** (1909-1980), 115-солагии зодрӯзи агрохимик, профессор, Ходими шоистаи илми Тоҷикистон.

**Субҳон Раҳматов** (1934-2010), 90-солагии зодрӯзи наттоқи радио, тарҷумон, Корманди шоистаи маданияти Тоҷикистон.

**Аҳмад Умаров** (1954), 70-солагии зодрӯзи олими соҳаи тиб.

**• 13 МАЙ •**

**Абдусаттор Ғаффоров** (1949), 75-солагии зодрӯзи олими соҳаи физика.

**Қосим Дайламӣ** (1904-1986), 120-солагии зодрӯзи журналист, яке аз поягузорони матбуот ва радиои тоҷик.

**Акбар Нозимов** (1954), 70-солагии зодрӯзи олими соҳаи математика.

**Абдураҳим Ҷӯраев** (1924-1990), 100-солагии зодрӯзи олими соҳаи иқтисод.

**Лев Кулешов** (1899-1970), 125-солагии зодрӯзи кинорежиссёри рус, профессор, устоди кинограони тоҷик.

**• 14 МАЙ •**

**Юрий Затсаринин** (1939), 85-солагии зодрӯзи арбоби давлатӣ.

**Мирзо Исматуллоев** (1964), 60-солагии зодрӯзи забоншинос.

**Нина Назарова** (1919-1994), 105-солагии зодрӯзи олими соҳаи иқтисод.

**Алишер Хоҷаев** (1949), 75-солагии зодрӯзи корманди телевизион.

**• 15 МАЙ •**

**Равзалӣ Амонов** (1964), 60-солагии зодрӯзи журналист.

**Саймуддин Кабудов** (1964), 60-солагии зодрӯзи журналист.

**Карим Раззоқов** (1929), 95-солагии зодрӯзи пахтакор, Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ.

**Зайнулобиддин Ҳасанов** (1949), 75-солагии зодрӯзи журналист.

**Сафаралӣ Ҳикматов** (1949), 75-солагии зодрӯзи олими соҳаи иқтисод.

**Ҳабиба Юсуфова** (1944), 80-солагии зодрӯзи олими соҳаи биология.

**Михаил Михайлов** (1829-1865), 195-солагии зодрӯзи шоир ва мутарҷими рус, тарҷумони осори адибони классики форс-тоҷик.

**Таҳияи Г. ИСМОИЛОВА, Ҳ. АМРИДДИН, кормандони Китобхонаи миллии Тоҷикистон**

**Аз идора**

**Шахсиятҳои таърихӣ, олимони варзида, ходимони давлативу ҷамъиятӣ мавлуд доранд? ПЕШОПЕШ МОРО ОГОҲ КУНЕД!**

**Тел: 221-00-84**

Эълонҳои бештар дар ARZON.TJ

## ЭЪТИБОР НАДОРАД

►Дипломи ЧТ №0067193 ба номи Сафаров Далер Анварович, ки соли 2014 аз ҷониби МДТ "Литсейи касбӣ-техникии саноати нассоҷии ш. Душанбе" дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

►Дипломи гумшудаи №0171962, №03 ба номи Ганиева Фарзона Рахмоналиевна, ки соли таҳсили 2020-2021 аз ҷониби Донишкадаи санъати тасвирӣ ва дизайни Тоҷикистон дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

►Дафтари ҳавлӣ ба номи Буриев Ҷурахон Саидович, бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи Сино, маҳаллаи Алӣ Ҳамадонӣ, кӯчаи Подстанция, хонаи 39/1, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шартномаи хариду фурӯши квартира бо реестри №8Д-270, ки аз 23-юми январи соли 1998 ба номи Азизкулова Шифо Джумабоевна, бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Хоразмӣ (собиқ Тунис), б 4, х. 64, дар нотариуси давлатии идораи 3-юми нотариалии шаҳри Душанбе ба расмият даровардa шудааст, беэътибор дониста шавад.

►Шиносномаи шаҳрвандӣ, А04469803, ба номи Раҳматзода Раҳмуддин Сайҷалол, ки санаи 16.08.2022 аз ШВКД-и ноҳияи Нуробод дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Ҳуҷҷатҳои аслии ташкилоти ҷамъиятии "Маҳбуба", ки дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон санаи 29-уми июли соли 2008 таҳти №968 ба қайди давлатӣ гирифта шудааст, аз сабаби гум шуданашон беэътибор дониста шаванд.

►Шиносномаи техникӣ, рақами қайд №11316, ки аз санаи 15.11.2002 ба номи Орифова Заринамоҳ Ҳасаналиевна, бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи Фирдавсӣ, кӯчаи Деҳотӣ 23/10, ҳуҷраи 5 дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шартномаи хариду фурӯши квартира таҳти феҳристи №6Д-2882 аз санаи 15-уми ноябри соли 2002 ба номи Орифова Заринамоҳ Ҳасаналиевна, бо суроғаи ш. Душанбе, н. Фирдавсӣ, кӯчаи Деҳотӣ 23/10, ҳуҷраи 5, ки дар нотариуси давлатии нотариуси ноҳияи маркази идораи нотариалӣ ба расмият даровардa шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

►Дафтари ҳавлӣ ба номи Муҳамадиев Улуғбек Суюнович, бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи И. Сомонӣ, кӯчаи Шероз (собиқ Чапаев), хонаи 7, ҳуҷраи 5, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

►Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатӣ, №44625, аз 09.06.2021 ба номи Фозилов Бахрулло Аҳмадхуҷаевич, бо суроғаи ш. Душанбе, н. Сино, кучаи Якка-Чинор, хонаи 152, ҳуҷраи 64, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

►Шартномаи хариду фурӯши квартира таҳти феҳристи №8Ш1-356, аз санаи 08.06.2021, ба номи Фозилов Бахрулло Аҳмадхучаевич, бо суроғаи ш. Душанбе, н. Сино, кучаи Якка-Чинор, хонаи 152, ҳуҷраи 64, ки дар нотариуси калони давлатии Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Сино ба расмият даровардa шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

►Маълумотнома бо силсилаи 014887 ба номи Ибрагимова Миҷгона Назаралиевна, ки санаи 30.06.2009 аз ҷониби ВТЭК дода шудааст, аз сабаби фарсуда шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шартномаи хайрияи бинои истиқоматӣ (Договор дарения целого жилого дома) бо реестри №8Д-815, ки санаи 08.02.1995 аз номи Файзиева Муазам ба номи Усманова Малохат Сулаймоновна, бо суроғаи ш. Душанбе, н. Сино, кӯчаи Мушфиқӣ 80, дар нотариуси давлатии идораи 3-юми нотариалии шаҳри Душанбе ба расмият даровардa шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

►Патенти соҳибкори инфиродӣ ба номи Ахмедова Фариза Исматовна, РЯМ: 0430336427, РМА: 045469626, ки дар Нозироти андози ноҳияи Сино ба расмият даровардa шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

►Шартномаи хариду фурӯши Базаи истеҳсолӣ таҳти феҳрасти 6ДШ-16 аз 02.02.2010, ки дар Идораи нотариалии давлатии н. Ҳисор ба номи Солиҳов Комилҷон Салоҳидинович, Базаи истеҳсоли рақами 1 воқеъ дар ҷ/д Ҳисор, деҳаи Сумбула ба расмият даровардa шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

►Дафтари ҳавлӣ ва шиносномаи техникӣ ба номи Қурбонов Ҳакимхон Рузимуродовичб, бо суроғаи ш. Душанбе, н. Фирдавсӣ, маҳ. Шайнак, хонаи 884, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

►Шаҳодатномаи хоҷагии деҳқонӣ ба номи Аликулов Курбонназор Эргашович, РЯМ: 3330015746, РМА: 335170629, беэътибор дониста шавад.

►Дафтарчаи имтиҳонот ба номи Саидов Ҷамаҳмад Ёрмаҳмадович, ки соли 2020 аз ДМТ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

►Шаҳодатномаи бақайдгирӣ ва иқтибоси соҳибкори инфиродӣ тибқи Шаҳодатнома ба номи Хушвактова Моҳира, РЯМ: 0730102450, РМА: 075787149, ки аз 26.11.2014 дар Нозироти андози шаҳри Турсунзода ба расмият даровардa шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

►Шартномаи хариду фурӯши квартираи истиқоматӣ бо суроғаи ноҳияи Рӯдакӣ, деҳаи Испечак, хонаи 14, блоки 1 ба номи шаҳрванд Халимов Икромшох Хушвактович дар асоси шартномаи хариду фурӯш, ки дар Идораи нотариалии ноҳияи Рӯдакӣ аз санаи 8.08.2020 таҳти феҳристи 1ш-2681 ба расмият даровардa шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

►Патенти соҳибкори инфиродӣ Мамаджонов Фарходжон, РЯМ: 0730196097, РМА: 075287802 аз 15.11.2019, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

►Иқтибос ва шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ ба номи Нозимзода Шамсуллои Теша, РЯМ: 0230098138, РМА: 095696143, ки санаи 15.10.2021 дар Нозироти андози ноҳияи И. Сомонӣ ба расмият даровардa шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

►Шартномаи хариду фурӯши хонаи истиқоматӣ воқеъ дар шаҳри Душанбе, кӯчаи Ҳисор, хонаи 15 ба номи шаҳрванд Махмудова Зубайда, ки дар асоси шартнои хариду фурӯши хонаи истиқоматӣ аз 14.01.2000 таҳти феҳристи 8д-52 дар Идораи нотариалии ноҳияи Сино ба расмият даровардa шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

►Дафтарчаи имтиҳонот ба номи Хошимов Минхоҷиддин Равшанҷонович, ки соли 2021 аз ДДТТ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

## БАРҲАМ МЕХУРАД

►Ташкилоти ҷамъиятии "Маҳбуба", ки дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон санаи 29-уми июли соли 2008 таҳти №968 ба қайди давлатӣ гирифта шудааст, барҳам мехӯрад.

►ҶДММ "Дӯстии Гулҳо", РЯМ: 0110023715, РМА: 010099500, барҳам мехӯрад. Арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.

►Филиали ҶСП "Азиз ва КО" дар ноҳияи Фирдавсии ш. Душанбе, РМА: 020022372, фаъолияташро қатъ менамояд. Ҳамаи арзу шикоятҳо дар давоми ду моҳ қабул карда мешаванд.

►Филиали ҶСП "Азиз ва КО" дар ноҳияи И. Сомонии ш. Душанбе, РМА: 020050786, фаъолияташро қатъ менамояд. Ҳамаи арзу шикоятҳо дар давоми ду моҳ қабул карда мешаванд.

## МЕБЕЛ БО ФАРМОИШ

Гарнитури ошхона бо фармоиш, бо кафолат, босифат, ҳамааш люкс. Истеҳсоли Туркия ва Россия. Ҳамзамон фармоиши ҳама гуна мебели корпусиро бо лоиҳаи инфиродӣ, сохт ва андозаи гуногун қабул мекунем: шкаф-купе, ҷевони даҳлез, мебели офис, ҷевони ошхона, мебели ошхона (кухонные уголки), рафҳо (стеллажи), мебел барои офис, мизҳои корӣ ва компютерӣ, гарнитури хоб. Нишонии мо: Комбинати мебел, нишонӣ: "Ромсар". Реҷаи корӣ: аз соати 8:00 то 18:00. Занг занед, нависед. Мо ҳамеша дар алоқа ҳастем ва ба тамоми саволҳои шумо посух медиҳем. Феълан беш аз 8000 мизоҷон моро интихоб намуда, аз корамон қаноатманд ҳастанд! Кафолати сифат: мо таҷҳизоти муосир ва дилпуру боэътимодро истифода мебарем.

**Тел.: 006-44-22-38, 1111-07-473**

ФОНДИ ҚАРЗИИ ХУРДИ "ЧИЛУЧОРЧАШМА"
ҲИСОБОТИ МОЛИЯВИИ СОЛИ 2023

**Ҳисобот оиди даромади маҷмӯи**
Барои давраи ҳисоботи, ки 31-уми декабри соли 2023 ба анҷом мерасад

| | Эзоҳ | 2023 | 2022 |
|---|---|---|---|
| Даромади фоизӣ | 5.1 | 416 285 | 340 617 |
| Хароҷоти фоизӣ | 5.1 | - | - |
| **Даромади софи фоизӣ то барқарорсозии (ташаккулдиҳии) захираҳо** | | **416 285** | **340 617** |
| Барқароршавии захираи қарзҳои беқурбшуда | | - | 14 363 |
| Ташаккулдиҳии захираи қарзҳои беқурбшуда | | (49 016) | (8 344) |
| **Захираи софи беқурбшавии қарзҳо** | 5.2 | **(49 016)** | **6 019** |
| **Даромади софи фоизӣ** | | **367 269** | **346 636** |
| Дигар даромадҳои амалиётӣ | 5.3 | 9 435 | 5 015 |
| Дигар хароҷотҳои амалиётӣ | 5.3 | - | - |
| **Даромади софи ғайрифоизӣ** | | **9 435** | **5 015** |
| **Ҳамаги даромади амалиётӣ** | | **376 704** | **351 651** |
| Хароҷотҳои амалиётӣ | 5.4 | (370 212) | (353 606) |
| **Фоидаи софи амалиётӣ** | | **6 392** | **(1 955)** |
| Даромад аз фурӯши дороиҳо | 5.5 | 2 059 | 12 063 |
| Даромади соф аз амалиёт бо асъори хориҷӣ | | - | - |
| **Даромади софи ғайриамалиётӣ** | | - | - |
| **Фоидаи андозбандишаванда** | | **8 451** | **10 108** |
| Андоз аз фоида | 5.6 | (1 944) | - |
| **Фоидаи соф** | | **6 507** | **10 108** |
| ***Дигар даромади умумӣ:*** | | | |
| Таъсироти азнавбаҳодиҳии амвол | | - | - |
| **Ҳамаги дигар даромади умумӣ** | | - | - |
| **Ҳамаги даромади умумӣ** | | **6 507** | **10 108** |

Директор ________ Ким З.Д.

Сармуҳосиб ________ Хазраткулов А

ФОНДИ ҚАРЗИИ ХУРДИ "ЧИЛУЧОРЧАШМА"
ҲИСОБОТИ МОЛИЯВИИ СОЛИ 2023

**Ҳисобот оиди ҳолати молиявӣ**
Ба санаи 31-уми декабри соли 2023

| | Эзоҳ | 2023 | 2022 |
|---|---|---|---|
| **Дороиҳо** | | | |
| Воситаҳои пулӣ | 4.1 | 35 691 | 63 311 |
| Сандуқи карзии соф | 4.2 | 2 298 750 | 2 087 565 |
| Дороиҳои дигар | 4.3 | 174 903 | 191 927 |
| Сармоягузорӣ | 4.4 | - | - |
| Воситаҳои асосӣ | 4.5 | 17 129 | 6 753 |
| Дороиҳои ғайримоддӣ | 4.5 | 4 132 | 4 593 |
| **Ҳамаги дороиҳо** | | **2 530 605** | **2 354 149** |
| **Ӯҳдадориҳо** | | | |
| Андозҳо барои пардохт | 4.6. | - | 1 147 |
| Ӯҳдадориҳои дигар | 4.7 | 10 176 | 33 726 |
| Грантҳо | 4.8 | 743 000 | 571 500 |
| **Ҳамаги ӯҳдадориҳо** | | **753 176** | **606 373** |
| Захира барои амалиётҳои оянда | 4.9 | 856 047 | 856 047 |
| Сармояи изофавӣ | 4.9 | 915 781 | 915 781 |
| Захираи умумӣ аз фоида | 4.9 | 48 982 | 48 982 |
| Фоидаи тақсимнашаванда | 4.9 | (49 887) | (73 034) |
| **Ҳамагӣ сармоя** | | **1 777 429** | **1 747 776** |
| **Ҳамаги сармоя ва ӯҳдадориҳо** | | **2 530 605** | **2 354 149** |

Директор ________ Ким З.Д.

Сармуҳосиб ________ Хазраткулов А

# ТЕШАБОЙ ОДИЛОВ

## *Пайдо шудани ҳуҷҷати "Қаҳрамони Иттифоқи Советӣ"*


138
НАГРАДНОЙ ЛИСТ
На снайпера старшего сержанта 65 стр.полка 43 СД АДЫЛОВА Тешабой.
(указать должность, в/часть, военное звание, фамилия, имя, отчество)
К какой правительственной награде представлен – "ГЕРОЙ СОВЕТСКОГО СОЮЗА"
1. Год рождения 1918 года
2. Соц. положение Служащий.
3. Партийность (указать с какого времени) –канд.в члены ВКП/б/ с 1942 г
4. Образование:
а) общее 8 кл.средней школы.
б) Военное (указать какое в/уч. и в каком году) не имеет.
5. С какого времени в занимаемой должн. с 1939 года.
6. С какого времени в Красной Армии с 1939 года.
7. Участие в гражданской войне и на фронтах (указать каких, с какого по какое время) нет.
8. Служил ли в старой армии и в каком чине нет.
9. Служил ли в белой армии нет.
10. Имеет ли ранение Трижды ранен
11. Имеет ли награды (указать какие, № орденов и медалей, указать за что награжден, дата Указа Президиума Верховного Совета нет.
12. Краткое описание подвига, совершенного военнослужащим при выполнении боевых задач.

*Ҳуҷҷати бо унвони баланди "Қаҳрамони Иттифоқи советӣ" сарфароз шудани Тешабой Одилов*

**(Аввалаш дар саҳ.7)**

Тешабой Одилов на танҳо худаш корномаҳои бузург нишон медод, балки дар вақти ярадорӣ ва табобаташ ба тарбияи снайперистони ҷавон машғул мешуд. Номи қариб 25 шогирди ӯ ҳамчун снайперист дар замони ҷанг вирди забонҳо шуда буд.

Тешабой Одилов дар озод кардани Беларус, аз муҳосира наҷот додани Ленинград, озод кардани ҳудуди имрӯзаи Гатчина то Рига ширкат кардааст. Ӯ муҳорибаро дар Латвия ба охир мерасонад. Номбурда баъд аз Ғалаба ҳам дар сафи артиши ИҶШС хизматро идома дода, соли 1947 ба захира фиристода мешавад.

Баъди ба Ватан баргаштан Тешабой Одилов институти педагогиро хатм карда, солҳои зиёд ба ҳайси омӯзгор ва директори мактаби деҳаи Хушёри ноҳияи Сӯхи вилояти Фарғона кор карда, соли 1998 аз олам мегузарад.

Номи нек ва корномаи Тешабой Одилов дар асарҳои муаррихон, журналистон ва адибон умри абадӣ ёфтааст. Пайдо шудани ҳуҷҷати нав, яъне ба унвони баланди "Қаҳрамони Иттифоқи Советӣ" сарфароз шудани ӯ рӯҳашро шод хоҳад кард.

**О. НОЗИР**

# ЧАНД ШАРТИ ТАРБИЯИ ФАРЗАНД

**Аз азал мардуми тоҷик ба тарбияи фарзанд аҳамияти ҷиддӣ дода, барои ҳамчун фарзанди намунавӣ, бо нангу номус ба воя расонидан ҳамеша кӯшиш мекарданд. Солҳои охир мушоҳида мешавад, ки ин рисолатро оилаҳо фаромӯш карда, масъулияти тарбияро бештар дар зиммаи мактаб мебинанд.**

Албатта, масъули тарбияи насли наврас пеш аз ҳама оила ва сипас мактабу ҷомеа аст. Зеро маҳз падару модар дар ташаккул ва рушди ахлоқию маънавии фарзанд нақши калон доранд. Фарзанд қисми зиёди умри худро дар муҳити оила мегузаронад, дар мактабу ҷомеа ҳамчун шахсият ташаккул мёбад. Бинобар ин, масъулияти асосӣ бар уҳдаи падару модар аст. Вақте ки қадамҳои аввалини худро ба мактаб мегузорад, ин рисолат тақсим мешавад ва ин маънои онро надорад, ки як кас масъули тарбияи ӯст. Не, минбаъд раванди таълиму тарбия дар ҳамкории пайвастаи падару модар бо мактаб сурат мегирад.

Бояд гуфт, ки тарбия ва ба камол расонидани насли хубу солим дар ҳама давру замон аз ташкили дурусти оила ва сатҳи маърифати оиладории падару модар сарчашма мегирад. Зеро ташкили оила ва тарбияи фарзандон бузургтарин масъулияти ҳар як зану мард дар ҷомеа аст. Агар оила мустаҳкаму пойдор ва аз ҷиҳати маънавию ахлоқӣ солим бошад, фарзандон ва бо ин восита ҷомеа ҳам солиму устувор мегардад.

Фарзанд тавре бояд тарбия ёбад, ки нахуст дорои адабу рафтори нек ва фаросати баланди инсонӣ бошад. Пас аз ин, вай меҳр ба хондан дошта, ҳамчун соҳиби илм ба камол расад. Барои ин падару модараш бояд дар назди ӯ китоб хонанд, ҳамдигарро таҳқиру дашном накунанду аз зӯроварию хушунат истифода набаранд, чунки фарзанд ин ҳамаро ёд мегирад. Барои кӯдаки хурд аввалин намуна оилааш аст. Агар ӯ китобу рӯзнома хонд, фарзандаш низ китобхон мешавад. Шарти муҳимтарини тарбия - ин одобу дониш доштани худи волидон ё тарбиякунандагон аст.

**Саодат АСАДУЛЛОЕВА,**
**омӯзгори МТМУ №13-и шаҳри Ваҳдат**






## Сулфаи тар

Бемор назди табиб омада, аз сулфаи сахт шикоят мекунад.

Табиб мепурсад:

- Сулфаатон мунтазам аст?

Бемор дар ҷавоб:

- Бале.

Духтур боз мепурсад:

- Сулфаи хушк аст?

Бемор мегӯяд:

- Сулфаам хушк аст, духтур, вале шалворам тар!

## Кисаҳои холӣ

Зане дугонаашро дар кӯча дида, аҳволпурсӣ мекунад:

- Сарвинозҷон, баъди соли нав кисаҳоятон холӣ нашуд-мӣ?

Дугонааш дар ҷавоб мегӯяд:

- Эҳ Шоираҷон, напурсед, ман акнун ба мағоза танҳо барои гармшавӣ медароям.

## Маслиҳат

Марде телефонашро ба даруни об меафтонад. Осемасар онро аз даруни об гирифта, ба хонаи ҳамсоя шитофта, мадад мепурсад. Ҳамсоя ба мард мегӯяд:

- Имшаб телефонатонро ба даруни зарфи пур аз биринҷ гузоред, биринҷ хитоиҳоро ҷалб месозаду онҳо омада телефонатонро таъмир мекунанд.

## Маймунча

Зане бо тифли хурдсол дохили автобус мешавад. Ронанда ба тифл нигариста, мегӯяд:

- Тавба, бори аввал чунин махлукро мебинам.

Зан бо қаҳру ғазаб дохили салон шуда, ронандаро дашном медиҳад:

- Лаънатӣ, худозада!

Марди дигаре аз зан мепурсад:

- Чӣ ҳодиса рух дод?

Зан мегӯяд:

- Ҳамин ронанда дағалӣ кард.

Мард маслиҳатомез:

- Шумо рафта ному насабашро навишта биёред, ман то омаданатон маймунчаатонро қапида меистам!

## Имтиҳон

Падар аз писар мепурсад:

- Имтиҳонҳоятро чӣ гуна супоридӣ?

Писар:

- Беҳтарин! Профессорон ба ваҷд омада, хоҳиш намуданд, ки дар фасли тирамоҳ як бори дигар такрор кунам.

## Сарфа

Зан аз шавҳараш мепурсад:

- Мардак, хобӣ?

Мард дар ҷавоб:

- Не, бедорам.

Зан мегӯяд:

- Чаро чашмонатро пӯшидаӣ?

Мард дар ҷавоб:

- Нури чашмамро сарфа мекунам.

## Посух ба тамаъкор

Корманди тамаъкоре назди сардор даромада, гуфт:

- Хӯҷаин, имшаб хоб дидам, ки шумо ба ман раҳматнома ва мукофоти пулӣ додаед.

Сардор гуфт:

- Раҳматномаро нигаҳ дору пулро ба муассиса баргардон, ки алҳол ба он эҳтиёҷ сахт аст.

**Таҳияи Н.РАҶАБОВА**

# ГАП БАЙНИ ХУДАМОН



*Нависандаи хаҷвнигор Аҳмадшоҳи Маҳмадшоҳ (тав. 1954 - ваф. 2004) агар зинда мебуд, 70-сола мешуд. Марҳум муаллифи маҷмӯаи ҳикояҳои ҳаҷвии «Гап байни худамон» (1986), «Кач дору марез» (1991), «Зинда будан кам аст!» (1998), «Арӯс аз Тошканд» (1998), «Дарро задам, девор кафид» (2003), «Аз гаҳвора то ситора» (2014) ва ғайра мебошад. Чанд латифаи ӯро манзури шумо мекунем.*

## Бачаи шум

Ӯ семоҳа ба дунё омад. Дар як ҳафта забон баровард ва аввалин суханаш боиси нохушӣ гардид.

- Бобо!- гуфт ва бобояш мурд.

Аз байн чанд ҳафта гузашт. Бачаи шум хомӯш буд. Вале як бегоҳ...

- Момо!- шунида шуд овози ӯ.

Ҳама бо даҳшат аввал ба гаҳвора ва баъд ба момо дида дӯхтанд. Дере нагузашта, нафаси момо дар гулӯяш печиду якбора аз пою забон монд.

Баъди чанд рӯз часади моморо низ ба хок супорида, аз худои таъоло илтиҷо намуданд, ки даҳони бачаи шумро банданд. Вале...

- Додо!- гуфт бачаи шум.

Дуд аз димоғи падари бечора баромаду бо нозикон видоъ кард. Аммо... Рӯзи дигар хилофи чашмдошти ҳама... ҳамсоя аз олам чашм пӯшид.

## Аз марказ...

Заргӯше бо думи шер сари бораро тоза карда, баъд дар он ҷо нишаст. Ин кори ӯ ба Гург нафорид.

- Ҳазратам,- гуфт ба Шер.- Кадом як нохалаф ба думатон бозӣ мекунаду шумо аҳамият намедиҳед?

- Пасттар гап зан,- ба ҳарос афтод Шер.- Ин Заргӯш аз марказ аст.

## Нози бемаврид

- Гум шав, хабаш!,- гуфт Шишаи тиреза, ғашаш омада,- ин қадар ба ман часпидӣ?!

- Бубахш,- саросема худро канор гирифт Мехча.- Надонистам, ки ба ту малол меояд...

Шишаи тиреза баъди афтода реза-реза шудан фаҳмид, ки нози бемаврид чӣ оқибате дорад.

## Тухми калон

Мурғ тухме зоид, ки беҳад калон буд. Инро шунида, рӯзноманигорон омаданд ва аз вай пурсиданд: сирри муваффақиятат дар чист?

Мурғ гуфт:

- Ман ҳеҷ чизро намедонам. Равед, аз Хурӯс пурсед.

Рӯзноманигорон ба назди Хурӯс рафтанд.

- Ин ягон хел сир надорад,- гуфт ӯ.- Лекин Ғози лаънатиро ёбам, каллаашро меканам!...

## Мушҳои далер

“Ман аз ту наметарсам,- гуфт муш ва ба гурба ҳуҷум кард. Гурба ҳаросон гурехт”.

Гурба ин пораро аз китоб хонду андешамандона калла ҷунбонд:

- Маълум, ки сухан дар бораи мушҳои соли сиву ҳафт меравад.

## Сканворд

